آواز تاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

**Бани одам аъзои якдигаранд!**

# Овози тоҷик

15 феврали соли 2025
Шанбе
№ 14 (15129)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru


# ПРЕЗИДЕНТ БО ҶАВОНОН МУЛОҚОТИ САМИМӢ АНҶОМ ДОД

**Президент Шавкат Мирзиёев 14 феврал бо намояндагони ҷавонон мулоқот анҷом дод. Дар мулоқот, ки дар шакли видеоконфронс баргузор шуд, чораҳо оид ба густариши минбаъдаи имкониятҳо барои ҷавонон баррасӣ шуданд.**




Дар оғози мулоқот сарвари давлат аз имкони боз мулоқот оростан бо ҷавонон изҳори хурсандӣ намуд ва онҳоро «фонди тиллоии халқамон» номид.

Ҷавонон 60 фоизи аҳолии Ўзбекистонро ташкил медиҳанд ва ҳар сол беш аз 600 ҳазор ҷавонон ба бозори меҳнат ворид мешаванд, ки шумораи онҳо то соли 2030 метавонад ба 1 миллион нафар расад.

Таъмини шуғл ва фароҳам овардани шароити мусоид барои амалӣ кардани иқтидори ҷавонон самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ мебошад. Дар тӯли ҳашт соли охир шумораи соҳибкорони ҷавон се баробар зиёд шуда, имрӯз он қариб 40 фоизи сектори тиҷоратро ташкил медиҳад.

Дар ҳамин ҳол, сатҳи бекории ҷавонон ду маротиба коҳиш ёфта, шумораи маҳаллаҳо, ки аз бекорӣ озоданд, ба 1889 адад расид. Соли гузашта ба воситаи «Дафтари ҷавонон» ба 180 ҳазор ҷавонон дар ҳаҷми 345 миллиард сўм ёрӣ расонда шуд.

Қаблан барои як ҷой дар мактабҳои олӣ, на камтар аз 10 нафар довталабӣ мекарданд. Ба туфайли афзоиши босуръати шумораи мактабҳои олӣ таълими олӣ имрӯз 42 фоизи ҷавононро фаро мегирад, дастгирии давлатӣ барои пардохти шартнома барои бонувон боиси 11 баробар зиёд шудани донишҷӯдухтарон гардид.

Шумораи мутахассисони ҷавон, ки дар соҳаҳои гуногун муваффақият ба даст овардаанд, пайваста меафзоянд: беш аз 1,5 ҳазор донишҷӯёни мо дар донишгоҳҳои беҳтарини хориҷӣ таҳсил мекунанд, дар 25 соли охир ба туфайли барномаи давлатӣ 800 ҷавон ба хориҷа фиристода шуд ва танҳо дар ҳафт соли охир бо мусоидати фонди «Эл-юрт умиди» 2,3 ҳазор шаҳрванди мо чунин имкониятро ба даст овbooked.

Шумораи мутахассисони ҷавон бо дараҷаҳои илмӣ ду маротиба зиёд шуда, аз 4 ҳазор нафар гузашт, фарҳанги китобхонӣ ба ҳаракати умумимиллӣ табдил ёфта, теъдоди иштирокчиёни озмуни анъанавии «Китобхони ҷавон» ба 3 миллион расид.

Ба омўхтани забонҳои хориҷӣ таваҷҷуҳи махсус дода мешавад: дар се соли охир шумораи ҷавононе, ки ба омўхтани забонҳо оғоз карданд, ба 2 миллион расид ва онҳое, ки дар имтиҳонҳои IELTS холҳои баланд мегиранд, 5 маротиба афзоиш ёфт.

Сиёсати ҷавонони Ўзбекистон дар сатҳи байналмилалӣ эътироф гардид – кишвар ба даҳгонаи кишварҳо, ки стратегияи «Ҷавонон – 2030»-ро таҳти васояти СММ фаъолона татбиқ мекунанд, шомил шуд.

Дар рафти мулоқот Президент имзои се ҳуҷҷати калидиро, ки ба дастгирии соҳибкории ҷавонон нигаронда шудаанд, эълон кард.

Дар доираи ин чорабиниҳо дар назди Агентии кор бо ҷавонон фонде бо маблағи 100 миллион доллар таъсис дода мешавад, ки имкон медиҳад ба соҳибкорони ҷавон то 2,5 миллиард сўм вомҳои имтиёзнок ва барои лоиҳаҳои стартап то 2 миллиард сўм сармояҳо пешниҳод шаванд.

Ҳамзамон низоми наве барои бо кор таъмин намудани хатмкунандагони донишгоҳҳо ба роҳ монда хоҳад шуд: Бонки миллӣ барои ҷорӣ кардани бастаи хидматҳои бонкӣ, ки ба лоиҳаҳои воқеӣ табдил додани ғоя ва ташаббусҳои ҷавонон нигаронда шудааст, 100 миллион доллар хоҳад гирифт.

Комиссияе, ки аз ҳокимон, намояндагони бонкҳо ва роҳбарони корхонаҳо таркиб меёбанд, барои таъмини шуғли хатмкунандагон таъсис хоҳад ёфт.

Мувофиқи ҳуҷҷати сеюм, «Алоқабанк» ба бонки асосӣ ҷиҳати дастгирии лоиҳаҳои тиҷоратии ҷавонон табдил ёфта, ба он 200 миллион доллар ҷудо хоҳад шуд. Бонк қарзҳои имтиёзноки хурдро то 100 миллион доллар ба муҳлати ҳафт сол барои одамони худкор пешниҳод хоҳад кард.

Ба соҳибкорони инфиродӣ, ки тиҷорати хурд ва марказҳои таълимӣ таъсис медиҳанд ва на камтар аз 20 корманди ҷавонро ба кор мегиранд, то 5 миллиард сўм қарзҳои имтиёзнок дода хоҳанд шуд. Бар замми ин, на камтар аз 30 фоизи қарзҳо барои дастгирии соҳибкории занон равона карда хоҳанд шуд.

Соли ҷорӣ ба нақша гирифта шудааст, ки 5,2 миллион нафар бо шуғл таъмин гарданд, бар замми ин ҳиссаи зиёди ҷойҳои корӣ барои ҷавонон тахассус хоҳанд шуд.

Ҷавононе, ки на камтар аз 100 миллион сўм бо самарабахш истифода бурдани қитъаҳои замин даромад мегиранд, метавонанд дар шароити содашуда замин гиранд ва соҳибкорони ҷавоне, ки майдонҳои истеҳсолиро тавассути ипотекаи саноатӣ гирифтаанд, метавонанд таҷҳизоти замонавиро дар шароити имтиёзнок ба даст оранд. Ба корхонаҳои соҳаи хидматрасонӣ, ки ҷавонон дар онҳо кор мекунанд ва маоши миёнаи онҳо на камтар аз 3 миллион сўм дар як моҳ аст, андози иҷтимоӣ дар ҳаҷми як фоиз муқаррар хоҳад шуд.

Дар иқтисодиёти креативӣ 98 фоизи кормандонро ҷавонон ташкил медиҳанд. Соли гузашта қонун қабул шуд, ки асосҳои ҳуқуқии ин соҳаро муайян мекунад.

Ҳоло дар минтақаҳо таъсиси паркҳои саноатии креативӣ ба нақша гирифта шудааст, ки барои резидентҳои он то охири соли 2030 тартиби имтиёзноки андозӣ корбурд мешаванд. Ҳамчунин мактабҳои тиҷоратӣ ташкил карда мешаванд, ки дар онҳо усулҳои инноватсионии пеш бурдани тиҷорат ва пешниҳоди хидматҳо дар соҳаи тиҷорати электронӣ омўзонда мешаванд.

Донистани забонҳои хориҷӣ дар ҷустуҷўи кор нақши муҳим мебозад. Аз ин рў, ба ҷавонони соҳибихтисос, ки дар марказҳои забонии минтақаҳои дурдаст забон меомўзанд, то 120 миллион сўм қарзи бефоиз дода мешавад. Ғайр аз ин, хароҷоти ҷавонон барои омўхтани забонҳои хориҷӣ дар марказҳои таълимии хусусӣ дар доираи схемаи «2+6» моҳ ҷуброн карда мешавад.

Дар соҳаи IT ба лоиҳаи «1 миллион барномасоз» ба нақша гирифта шудааст, ки иловагӣ 300 ҳазор ҷавони дигар ҷалб карда шаванд. Ҳамчунин оид ба ҷорӣ кардани «Экосистемаи иҷтимоии рақамӣ» стратегияи дарозмуддат таҳия карда мешавад.

Яке аз усулҳои муассиртарин дар мубориза бо камбизоатӣ таълим мебошад. Аз ин рў, барои он ки як фарзанди оилаи камбизоат бо роҳи пешниҳоди қарзҳои бефоизи таълимӣ, грантҳои иловагӣ ва кумак дар пардохти пули шартнома соҳиби маълумоти олӣ гардад, тамоми шароит фароҳам оварда хоҳад шуд. Барои ҷавонони боистеъдод аз оилаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир лоиҳаи наве бо номи «Ояндаи равшан» ҷиҳати таҳсил дар хориҷи кишвар роҳандозӣ мегардад.

Агентии кор бо ҷавонон ҳар як донишҷўеро, ки дар хориҷ таҳсил мекунад, дастгирӣ намуда, ҷавонони таҳсилкарда ба 100 донишгоҳи беҳтарини хориҷӣ бо пардохти хароҷоти таҳсил ва зиндагӣ фиристода мешаванд. Хатмкунандагоне, ки дар хориҷ таҳсил кардаанд, ба захираи миллии кадрӣ шомил шуда, ба мақомоти давлатӣ бидуни озмун ба кор қабул хоҳанд шуд.

Ғайр аз ин, ба олимони ҷавони то 30-сола, ки дар донишгоҳҳои бонуфузи байналмилалӣ дараҷаи илмӣ гирифтаанд, то 800 миллион сўм барои хариди манзил ба муҳлати то 10 сол қарзи бефоиз дода мешавад. Ҳаҷми мукофоти якдафъаина барои ғолибон ва ҷоизадорони олимпиадаҳои байналмилалии илмӣ 5 маротиба зиёд хоҳад шуд.

Квотаҳои фонди «Эл-юрт умиди» барои бахшҳои энергетика, нақлиёт, урбанизатсия, меъмории замонавӣ ва тиб зиёд карда хоҳад шуд. Барои донишҷўёни аълохони муассисаҳои таълими ҳарбӣ стипендияи давлатии Сарфармондеҳи олӣ ҷорӣ карда мешавад.

Аз соли таҳсили оянда байни хонандагон олимпиадаҳои муҳандисӣ ва озмунҳо ташкил карда мешаванд ва беҳтарин хатмкунандагон дар асоси грант ба муассисаҳои олии техникӣ қабул хоҳанд шуд.

Ҳамчунин дар мулоқот масъалаҳои таҳкими иммунитети идеологии насли ҷавон, аз таъсири ғояҳои вайронкор муҳофизат кардани онҳо баррасӣ шуданд. Қайд гардид, ки ҷавонони тарбияашон душвор ба ғамхории махсус ва кумак дар ҷустуҷўи ҷойгоҳи худ дар зиндагӣ эҳтиёҷ доранд.

Ба мақсади мустаҳкам намудани ватандўстӣ дар байни хонандагони синфҳои 10-11 ҳаракати «Ватан таянчи» роҳандозӣ шуд, ки аллакай зиёда аз 300 ҳазор ҷавонро фаро гирифтааст. Ин ҳаракат дар мактабҳои касбӣ, техникумҳо ва муассисаҳои таълимии хусусӣ густариш ёфта, 1 миллион шогирдро фаро хоҳад гирифт. Озмун ва мусобиқаҳои гуногун ташкил карда, дар маҳаллаҳо бозиҳои варзишии «Шуҷоат ва ғайрат» баргузор хоҳанд шуд, ки ба ғолибони онҳо тавсияномаҳо барои дохил шудан ба омўзишгоҳҳои ҳарбӣ дода мешавад.

Нотиқон дар мулоқот таъкид намуданд, ки чорабиниҳои пешниҳодшуда ва ташаббусҳо барои ҷавонон имкониятҳои бештар муҳайё мекунанд ва барои татбиқи орзуву умеди онҳо таҳрики қавӣ мебахшанд.

Президент пешниҳодҳои ҷавононро дастгирӣ намуда, итминон дод, ки кумак ба ҷавонон аҳамияти доимӣ хоҳад дошт.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

# ДАР ИТАЛИЯ РЎНАМОИИ КИТОБИ «БОБУРНОМА» БАРГУЗОР ГАРДИД

***Дар Италия ба муносибати 542-солагии ҳамватани бузургамон Заҳириддин Муҳаммад Бобур таҳти ҳамкории Маркази тамаддуни исломӣ, сафорати Ўзбекистон дар ин кишвар, Хонаи табъу нашри «Sandro Teti Editore»-и шаҳри Рим тақдимотҳои тарҷумаи асари «Бобурнома» бо забони итолиёӣ баргузор гардид. Тарҷумаи китоб бо сарсухани Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев аз ҷониби ин нашриёт бо теъдоди зиёд нашр шудааст.***




Дар чорабинӣ, ки дар қасри таърихии «Палатсо Стротсӣ»-и шаҳри Флоренсия бо иштироки муаррихону шарқшиносон, арбобони ҷамъиятӣ ва фарҳангӣ доир гардид, роҷеъ ба ҳаёт ва эҷоди Бобур, мазмуну моҳияти асари «Бобурнома» сухан рафт.

Дар тадбир олими маъруфи итолиёӣ, профессор Франко Кардини, президенти Маҷмааи «Палатсо Стротсӣ», узви Сенати Италия Рекардо Ненчини, роҳбари нашриёти «Sandro Teti Editore» Сандро Тети, ноиби президенти Академияи илмҳои Ўзбекистон, профессор Баҳром Абдуҳалимов, Сафири Фавқулода ва Мухтори Ўзбекистон дар Италия Абат Файзуллоев, директори Маркази тамаддуни исломии Ўзбекистон Фирдавс Абдухоликов ва дигарон ба сухан баромаданд. Зикр гашт, ки нашри «Бобурнома» дар ин мамлакат дар рушди равобити иҷтимоиву маънавии байни ду давлат воқеаи муҳим гардид.

– «Бобурнома» ин асари нодири шоир ва мутафаккири бузург, арбоби давлатӣ Бобур мебошад, ки он чун қомуси ноёби ба худ хос дар бораи воқеоти таърихии асрҳои XV–XVI, ки дар минтақаҳои Осиёи Миёна, Афғонистон, Ҳиндустон ва Эрон, рўй додааст, ҳикоя мекунад, – гуфт Рекардо Ненчини. – Ҳанўз дар ибтидои асри XVIII тарҷумаи «Бобурнома» ба забонҳои аврупоӣ оғоз ёфта буд. Ин нашр, ки мо имрўз тақдимоти онро мегузаронем, ҳамчун намунаи муассир ва равшани ҳамкориҳои адабӣ, фарҳангиву гуманитарии халқҳои итолиёӣ ва ўзбек ба дунё омадааст. Президенти Ўзбекистон, Ҷаноби Олӣ Шавкат Мирзиёев дар рушди робитаҳои фарҳангии байни халқҳоямон саҳми бузург мегузоранд. Албатта, барои мо омўхтани ҳаёт ва фаъолияти ашхоси бузурги Шарқ, бахусус, Ўзбекистон аҳамияти калон дорад.

— Тавре ки дар сарсухани Президенти Ўзбекистон, ҷаноби Шавкат Мирзиёев қайд шудааст, ошноии аҳли илму фарҳанги Италия бо мероси бебаҳои шоири бузург ва олими қомусӣ, таърихи сеҳазорсолаи давлатдории ўзбек, барои дарки ҷаҳони маънавии халқамон, моҳияти дигаргуниҳои мусбат, ки дар роҳи бунёди Ўзбекистони Нав амалӣ мегарданд, кумак мерасонад. Дар раванди нашри асар ба забони итолиёӣ гурўҳи мутарҷимон, муҳаррирон ва саҳифабандони ботаҷриба ҷалб гардиданд.

*(Давомаш дар саҳ.2).*

*Ислоҳот*

# «ТАҶРИБАИ ҒИҶДУВОН»: АФЗАЛИЯТИ ОН ДАР ЧИСТ?

***Масъалаи рушди соҳаҳо, таъмини тараққиёти иҷтимоию иқтисодии мамлакат талаби замон аст. Ислоҳоти васеъмиқёс бошад, баҳри амалӣ гаштани нақшаҳо ва иҷобати орзую умедҳои халқамон хидмат мекунад. Омўхтан ва оммавӣ гардондани равандҳои пешқадам, таҷрибаю бозёфтҳои меҳнатии минтақаҳо имконият медиҳад, ки пешравиҳо дар миқёси мамлакат суръат ёбанд.***



Бо ташаббус ва дастгирии сарвари давлат дар мамлакатамон доман паҳн кардани ҷараёнҳои пешқадам таҳти унвонҳои «Таҷрибаи Сайҳунобод», «Таҷрибаи Уйчӣ», «Таҷрибаи Зарбдор» ва «Таҷрибаи Ғиҷдувон» бешубҳа, баҳри ҷомаи амал пўшидани корҳои ибратбахш кўмак мерасонад. Чанд сол муқаддам мо аз навҷўиҳои ҳокими ноҳияи Ғиҷдувон Шерзод Ашуров дар соҳаи таълиму тарбияи ноҳия огоҳ гардида, дар «Овози тоҷик» таҳти унвони «Таҷрибаи Ғиҷдувон: сармоягузорӣ ба таълим» мақола чоп карда будем (нигаред ба «Овози тоҷик», 7 сентябри соли 2022, №70-71).

Маълум аст, ки Ғиҷдувон калонтарин, сераҳолитарин ва яке аз ноҳияҳои қадимтарини вилояти Бухоро мебошад ва чун маркази тиҷорату ҳунармандӣ таърих ва шуҳрати зиёд дорад.

Хусусан, дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар ин ҷо соҳибкорию ҳунармандӣ хеле вусъат ёфт. Азбаски дар ноҳия сафи ҳунармандон зиёд аст, қисми зиёди онҳо дар муҳити хонадон маҳдуд монда, баҳри фароҳтар кардани доираи фаъолият ҷой ва шароит надоштанд. Аз ин рў, вазъият чорабиниҳои таъҷилиро тақозо мекард. Ниҳоят дахолат, супориш ва ғамхориҳои сарвари давлат дар ин бора низ ҳамчун гиреҳкушо хидмат кард. Роҳи ҳалли масъала пайдо шуд.

*(Давомаш дар саҳ.2).*

Ислоҳот дар соҳаи тиб

# БАРНОМАИ РЕИМБУРСАТСИЯ – ДАР АМАЛ

***Ба мақсади баланд бардоштани сифат, самаранокӣ ва дастрасии умумии расондани кумаки тиббӣ ба аҳолӣ, васеъ кардани ҳаҷми кумаки тиббӣ-санитарии аввалиндараҷа, тадриҷан ворид кардани системаи суғуртаи тиббӣ ба ин соҳа, фароҳам овардани муҳити рақобатпазири муосир дар бозори хидматрасониҳои тиббӣ ва васеъ кардани имкониятҳои ба даст овардани кумакҳои тиббии кафолатнок ва босифат аз ҷониби аҳолӣ 12 ноябри соли 2020 қарори сарвари давлатамон «Дар бораи чораҳо оид ба ҷорӣ кардани модели нави ташкили низоми тандурустӣ ва механизмҳои суғуртаи давлатии тиббӣ дар вилояти Сирдарё» қабул шуд.***

Бар асоси қарори мазкур, дар системаи нигаҳдории тандурустии вилояти Сирдарё механизми пилотии суғуртаи тиббии давлатӣ ҷорӣ шуд ва барномаи пўшонидани хароҷот барои доруҳои тиббӣ (реимбурсатсия), ки бо асоси доруҳатҳои электронӣ ба беморони дар муассисаҳои тиббии аввалиндараҷа бо бемориҳои музмин, монанди бемории гипертония, бемории ишемии дил, диабети қандии дараҷаи II, астмаи бронхиалӣ ва бемории обструктивии шуш дар ҳисоби «Д» сабтшуда оғоз гардид.

– Кор дар чаҳорчўби ин барнома дар вилояти Сирдарё аз соли 2020 то 2023 санҷида шуд, ҳоло он дар шаҳри Тошканд амал мекунад ва то охири соли 2026 дар ҳамаи минтақаҳои кишвар ҷорӣ хоҳад шуд, – гуфт раиси шуъбаи вилояти сирдарёгии Фонди давлатии суғуртаи тиббӣ Олим Бекмуродов.

То ба имрўз, барнома бемориҳои музмине, ки бештар дучор мешаванд, аз ҷумла гипертония, бемории ишемии қалб, диабети қандии дараҷаи II, астмаи бронхиалӣ ва бемории обструктивии шуш ва дигарро фаро мегирад. Ба мизоҷони дорои чунин бемориҳо 27 намуди дору ройгон дода мешавад.

Истифодаи барнома то ҳадди имкон сода карда шудааст. Аввалан, бемор ба духтури оилавӣ муроҷиат мекунад ва ҳангоми пайдо кардани як ё якчандтои бемориҳои зикршуда, доруҳати электрониро мегирад. Сипас, ба телефони бемор SMS-код фиристода мешавад, ки ҳамчунин ба доруҳонае, ки бо Фонди суғуртаи тиббии давлатӣ шартнома бастааст, мерасад. Доруҳоро дар асоси доруҳат метавонанд ҳам бемор ва ҳам намояндаи ў (хешованд, шахси наздик) бо нишон додани SMS-код ба корманди доруҳона қабул кунанд.

Хароҷоти доруҳое, ки дар барномаи реимбурсатсия иштирок мекунанд, бар асоси фактураҳо, ки нархҳои онҳо нишон дода мешаванд, аз ҷониби фонд пўшонда мешаванд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар доруҳати электронӣ метавон то се дору барои ҳар як ташхис нишон дода шавад. Муҳлати эътибори доруҳати электронӣ 7 рўзи тақвимӣ аз рўзи таҳияи он мебошад.

Ба тариқи мисол гўем, дар соли 2023 аз ҷониби духтурони оилавии муассисаҳои тиббии аввалиндараҷаи раёсати тандурустии вилояти Сирдарё аз рўи барномаи пўшонидани хароҷот барои доруҳо ба 16 453 бемор 17 340 доруҳат бо маблағи умумии 1 миллиарду 314 миллиону 874 ҳазор сўм навишта шудааст, дар соли 2024 аз ҷониби Фонди давлатии суғуртаи тиббӣ хароҷоти доруҳо ба маблағи 4 миллиарду 488 миллиону 933 ҳазор сўм, ки ба 49 253 бемор барои 50 085 доруҳат дода шудааст, пардохта шуд.

Аз ҳама муҳимаш ин, ки барномаи реимбурсатсия, ки дар вилояти Сирдарё оғоз ёфта ва дар системаи тандурустии дигар минтақаҳо ҷорӣ карда мешавад, пурра ба тамоюлҳои шаффофият ва адолат, ки аз ҷониби ҳукумати мо муайян карда шудаанд, мутобиқ аст ва тамоми равандҳо ба таври электронӣ анҷом дода мешаванд.

Роҳбарони Фонди давлатии суғуртаи тиббӣ, муассисаҳои тиббии аввалиндараҷа ва муассисаҳои доруҳона имкон доранд, ки ин равандҳоро мустақиман назорат кунанд.

– Дар робита бо ин, шояд савол пеш ояд, ки оё 11 намуди дору, ки дар чаҳорчўби барномаи реимбурсатсия ба беморон дода мешаванд, ба беморое, ки аз бемориҳои музмин азият намекашанд, дода намешаванд? Чунки, бемориҳои музмин талаб мекунанд, ки муолиҷа аз дигар бемориҳо бештар давом кунад. Беморон на ҳамеша имконият доранд, ки доруҳои лозимаро бихаранд, ки ин боиси авҷгирии беморӣ ва ба вуҷуд омадани пайомадҳои номатлуб мегардад. Доруҳое, ки ба беморони бемориҳои музмин дар чаҳорчўби барномаи реимбурсатсия дода мешаванд, на танҳо хавфи пайдоиши мушкилотро коҳиш медиҳанд, балки ба кам кардани шумораи ҳолатҳои маъюбият дар оянда мусоидат мекунанд, – гуфт Олим Бекмуродов.

Масалан, дору ва намудҳои онҳо, ки ба беморони бемориҳои обструктивии шуш (астма, бронхити музмин) дода мешаванд, одатан бо назардошти ҳолат ва вазъи ҷараёни беморӣ интихоб мешаванд. Аз ин рў, метавон чанд намуди доруро таъин кард. Ба ин тартиб, мо омилҳоеро, ки ба сифати зиндагии бемор таъсир мерасонанд, назорат мекунем. Албатта, аз ин тартиб беморони гирифтори бемориҳои музмин ва хешовандони онҳо шоданд. Чунки доруҳое, ки ба воситаи доруҳонаҳо бепул тақдим мегарданд, дар баробари бартараф кардани асорати бемориҳо пеши ҳар гуна оворагариҳоро мегирад.

**Ғулом ПРИМОВ,**
**мухбири ЎзА.**

# ДАР ИТАЛИЯ РЎНАМОИИ КИТОБИ «БОБУРНОМА» БАРГУЗОР ГАРДИД

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Ба ҳамаи дўстоне, ки дар чопи китоб саҳми арзанда гузоштаанд, аз ҷумла, ректори Донишгоҳи давлатии забон ва адабиёти ўзбеки Тошканд ба номи Алишер Навоӣ, академик Шуҳрат Сироҷиддинов, туркшиноси маъруфи итолиёӣ, профессор Федерико Де Рентси, тарҷумон Федерико Пасторе, олим ва адиби машҳури итолиёӣ Франко Кардини барин инсонҳои фидокор аз тахти дил ташаккур мегўям.

Ин нашри пурмуҳтаво бо 96 минётураи замони бобуриён оро дода шуда, бо сифати баланд чоп гардидааст, ки шоёни таҳсин аст.

– Тарҷумаи «Бобурнома» ба забонҳои хориҷӣ аз замони ҳаёт будани муаллиф оғоз ёфтааст, – гуфт Баҳром Абдуҳалимов. – Имрўз ин асари мондагор бори аввал ба забони мутафаккирони бузург, чун Леонардо да Винчи, Микеланҷело, Данте, Петрарка тарҷума гардид. Чопи китоб барои боз ҳам васеътар доман паҳн кардани эҷоди Бобур дар Италия, байни намояндагони фарҳангии Аврупо ва доираи академӣ мусоидат мекунад. Татбиқи ин лоиҳаи эҷодӣ, бешубҳа робитаҳои илмии байни олимони ўзбек ва итолиёиро ба марҳилаи нави рушд мебарорад.

Дар чорабинӣ директори Маркази тамаддуни исломии Ўзбекистон Фирдавс Абдухоликов таъкид кард, ки имрўз дар Ўзбекистони Нав бо ташаббуси Президенти мамлакат Шавкат Мирзиёев ба ҳифз ва тарғиби мероси фарҳангӣ эътибори алоҳида дода мешавад ва изҳори боварӣ намуд, ки робитаҳои илмию маърифатӣ бо ҳамкасбони итолиёӣ минбаъд низ пайваста идома меёбад.

– Ба шарофати сиёсати хирадмандонаи Сарвари давлатамон имрўз ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла мардуми Италия Ўзбекистонро барои худ аз нав кашф мекунанд, – гуфт директори марказ. – Тарҷумаи «Бобурнома» ба итолиёӣ қадами нави амалӣ дар ин роҳ аст. Дар Италия нисбат ба Амир Темур ва Темуриён, Бобур ва Бобуриён эҳтиром ва эътибори бузургро дида, хеле шод гаштем. Аз ҷумла, дар галереяи Уфимтсии Флоренсия портрети нодири ниёи худ Соҳибқирон Амир Темурро дида, диламон саршори фараҳу ғурур гардид.

Дар китобхонаи донишгоҳи Болоня низ як қатор дастхатҳои Ибни Сино нигоҳ дошта мешавад. Дар рафти сафар боздиди онҳо низ дар назар аст. Инчунин, аз китобхонаи Ватикан ҳам дидан хоҳем кард. Бовар дорем, ки дар он маркази машҳури илму фан низ мо шоҳиди бозёфтҳои нав дар бораи таърихи Ватан ва мероси ниёгони бузургамон хоҳем шуд.

– Тарҷумаи «Бобурнома»-ро ба забони итолиёӣ метавон як рўйдоди бузурги фарҳангӣ арзёбӣ кард, – гуфт Президенти ширкати синамои «Vico»-и Италия Виктория Петросянтс, ки дар ин чорабинӣ ширкат дошт. – Мероси фарҳангии Ўзбекистон бениҳоят бой ва рангоранг аст. Ширкати мо низ чанд сол боз бо ҳамкорони ўзбекистонӣ дар бораи ҳаёти олимони бузург, ки дар ин сарзамин камол ёфтаанд, филмҳо меофарад. Барои ин ба мо шароитҳои зарурӣ фароҳам карда шудааст. Ростӣ, чунин таваҷҷуҳ ва ғамхории баландро ба мероси таърихӣ дар кишварҳои дигари ҷаҳон кам дидаам. Ин албатта аз ҳар ҷиҳат сазовори ибрат мебошад.

Чорабиниҳои илмию маърифатӣ бахшида ба хотираи ҷовидони ниёи бузургворамон Заҳириддин Муҳаммад Бобур дар дили тамоми иштирокчиён таассуроти фаромўшнопазир гузошт.

**ЎзА.**

# САТҲИ ТАЪМИНОТИ АҲОЛӢ БО ОБИ НЎШОКӢ БА 80,9 ДАРСАД РАСИД

***Сол аз сол дар тамоми мамлакатҳои ҷаҳон норасоии об бештар эҳсос мешавад. Бино ба натиҷаҳои тадқиқоти пажўҳишгарон дар кураи Замин минтақаҳое мавҷуданд, ки ба иллати камбудии об манзилҳои зиёд ба харобаҳо табдил ёфтаанд ва сокинони он маҷбур шудаанд, ки ҷову ҷалоли худро тарк намуда, ба минтақаҳои дигар кўч банданд. Бе об наметавон ҷоеро обод намуд, ба киштукор машғул шуд ё ниҳол шинонду боғеро бунёд кард.***

Чунин андешаҳо дар рафти нишасти матбуотӣ, ки дар Агентии иттилоот ва коммуникатсияҳои оммавӣ аз ҷониби Ҷамъияти саҳҳомии «Ўзсувтаъминот» доир ба мавзўи «Сарҳисоби корҳои соли гузашта амалишуда ва нақшаҳои соли ҷорӣ» баргузор гардид, баён карда шуд.

Дар чорабинӣ ҷонишини раиси ҶС «Ўзсувтаъминот» Хуршед Раҳматуллоев таъкид кард, ки дар натиҷаи корҳо оиди таъмини аҳолӣ бо оби мутамаркази ошомиданӣ сатҳи таъминоти аҳолӣ бо оби нўшокӣ дар соли ҷорӣ аз 77,4 фоиз ба 80,9 фоиз афзуд. Дар доираи барномаҳои мақсадноки давлатӣ барои таъмини аҳолӣ бо оби нўшокӣ ва беҳбуди хидматрасонии партовоб дар 454 иншоот 1 ҳазору 817 километр шабакаҳои оби ошомиданӣ, 243 иншооти оби ошомиданӣ ва партовоб сохта ва таҷдид карда шуд.

Тавре, ки мутахассисони соҳа қайд карданд, дар доираи лоиҳаи «Беҳтар намудани таъминоти оби нўшокӣ аз ҳисоби сарчашмаҳои обанбори Тўпаланг» ба маблағи 1,8 триллион сўм 153 километр шабака бунёд гардида, таъминот ва сифати оби нўшокӣ барои 156 ҳазор нафар аҳолии ноҳияҳои Сариосиё, Деҳнав, Шўрчӣ, Қумқўрғон ба куллӣ беҳтар гардид. Корҳое, ки дар асоси лоиҳаҳои созмонҳои байналмилалии молиявӣ амалӣ мегарданд, низ қобили таваҷҷуҳ аст. Аз ҷумла, тибқи Барномаи сармоягузории соли 2024 дар чаҳорчўби 22 лоиҳа дар 14 иншооти бузурги обтаъминкунӣ дар маҷмўъ 525 километр шабакаҳои оби нўшокӣ ва партовоб сохта шудааст.

Қобили қайд аст, ки дар самти ташаккули интизоми пардохт дар байни аҳолӣ, пешгирии истифодаи ғайриқонунии шабакаҳои мутамаркази оби ошомиданӣ ва хидмати партовоб, такмили минбаъдаи низоми хидматрасонӣ аз ҷониби ташкилотҳои расмӣ корҳои назаррас анҷом дода мешаванд. Дар натиҷа ҳодисаҳои вайрон кардани қонун аз ҷониби истеъмолкунандагон бартараф карда, зарари расонидашуда ба таври дахлдор рўёнда шуд.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Ба пешвози 80-умин солгарди ғалаба дар Ҷанги дуюми ҷаҳон*

# ШУКРОНАИ ПИРАЗАНИ 95-СОЛА

***Ҷанги дуюми ҷаҳон ба сари инсоният рўзҳои душвор овард. Дар он рўзҳои машъум ҳазорон падар ва модарон аз ҷигаргўша, арўсон аз ёри вафодор, фарзандҳо аз падари меҳрубони худ ҷудо гардиданд.***

Бар зидди фашизм барои ҳимояи Ватан танҳо аз вилоят беш аз 79 ҳазор нафар сафарбар шуда, аз онҳо 24 ҳазор нафар дар ҷанггоҳ мардонавор ҳалок гаштанд. 2 ҳазору 26 нафарашон ба зодгоҳи худ бо орден ва медалҳо баргаштанд.

Дар байни чунин инсонҳои фидокор Соли Адашев, Набиҷон Мингбоев, Михаил Фаёзов ва Абдусаттор Раҳимов барин даҳҳо нафар фарзандони Намангон низ буданду дар ҷанггоҳҳо қаҳрамониҳо нишон доданд ва бо ордену медалҳо ва унвони олӣ – Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ сарфароз гардиданд.

Дар ақибгоҳҳои фронт низ мардум дучанд кор мекарданд. Асосан мардони калонсол ва писарони ноболиғ, занону духтарон меҳнат мекарданд. Ба бурдаи нон зору гуруснаву ташна буданд...

Мутаассифона, чунин гувоҳҳои «зинда» сол аз сол аз сафамон кам мешаванд. Ҳоло дар вилоят қариб 400 нафар умр ба сар мебаранд, ки дар ақиби фронт меҳнат кардаанд.

Фотимамомо Адуллоеваи варзикӣ низ яке аз ҷабрдидагони солҳои ҷанганд. Вақте ки Фотима 10-сола буд, Ҷанги ҷаҳонӣ сар шуд. Ҳамаи мардони деҳа, аз ҷумла падари ў – амаки Абдулло низ дар қатори дигарон ба фронт сафарбар гардиданд.

– Мардакҳо – ҳама ба ҷанг рафта буданд. Дар саҳро танҳо занону духтаракон, писарони хурд кор мекарданд. Бо модарам аз субҳ то шом кор мекардем. Азбас, ки дар оила фарзанди калонӣ будам, дар корҳои хонаю саҳро ба модарам кумак мерасонидам, – ба хотир меорад момои 95 сола. – Баъди ғалаба бо Абдуқодир ном ҷавон аз маҳаллаамон ақди никоҳ бастем. Ҳар ду 7 нафар фарзанд – шаш писару як духтарро тарбия карда, ба воя расонидем. Меҳнат инсонро мепазонад, ба ў қувват мебахшад, аз бемориҳо эмин медорад. Ин суханҳоро ба набераву абераҳо низ зуд-зуд мегўям. Худам як умр меҳнат кардам. Баробари кор дар саҳро, бо хушдоманам Бузаҳромомо пилла парвариш мекардем. Дар замоне, ки мо хурд будем, ин гуна сериву фаровонӣ набуд...

Ҳазорҳо шукр, ки ба туфайли истиқлол ҳаёти мардум мазмуни нав касб кардааст. Дар кишварамон ҳама шоду масрур. Агар, дар рўи замин ҷаннат бошад, он диёри мо. Аз ҷаннат чӣ фарқ дорад? Ҳама чиз муҳайё, дар чор фасли сол рўзгорамон обод, дасторхонамон пур аз нозу неъмат. Дар вақташ пенсия меоранд, духтурҳо зуд-зуд аз ҳолам хабар мегиранд. Зиёда аз 90 нафар набераву абераю чабера дорам. Ҳар яки онҳо аз дигаре беҳтару меҳрубонанд.

Ба ин рўзҳои мунаввар ба осонӣ нарасидем. Рўзҳои вазнинеро, ки дидаам, ба фарзандонам зуд-зуд хотиррасон мекунам. Мехоҳам хулоса баровarda, ба қадри ин рўзҳои осудаву тинҷ расанд.

– 35 сол пеш ба ин хонавода арўс шуда омадам, – мегўяд арўси хурдӣ Ҳамида. – Дар рўзгор чизеро надонам, ҳамчун модар бо меҳрубонӣ омўханд. Ба тозагӣ риоя мекунанд ва аз дигарон низ талаб менамоянд. Ба тарбияи фарзандон аҳамияти калон медиҳанд. Ин аст, ки фарзандону набераҳо – ҳама соҳиби касбу кори гуногунанд. Дар ҷамъият ва дар оила ҷойи муносиб доранд.

Фотимамомо ҳамеша бо таманнои оромиву осудагии кишвар даст ба дуо мебардоранд.

Бигузор, умри чунин мўйсафедон, ки ба хонаводамон нуру зиё мебахшанд ва барои хурду калон мактаби ҳаётанд, зиёда бод.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Намангон.**



# НАМОИШГОҲИ ЛЎХТАКҲОИ ҶОПОН

***Дар қасри байналхалқии маданияти Икуо Хироямаи Академияи бадеии Ўзбекистон намоиши санъати лўхтаки Ҷопон бо номи «Нинге: санъат ва зебогии лўхтакҳои Ҷопон» баргузор гардид.***

Дар чорабинӣ сафири Ҷопон дар Ўзбекистон Хатори Такашо, рассомон ва ҳаводорони ин намуди санъат иштирок карданд.

Лўхтакҳои одӣ ва анъанавии Ҷопонро «Нинге», яъне «одамшакл» меноманд. Ин намуди лўхтакҳо бузургҷуссаанд, ки ба онҳо на кўдакон, балки калонсолон таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Лўхтакҳо дар худ эстетика, дин ва тасаввуфро таҷассум намудаанд. Ҷопонро «Мамлакати даҳ ҳазор зоча» низ меноманд. Зочаҳоро дар гузашта ҳамчун рамзи омад, завқбахш, инчунин ҳифзгар аз балою қазо қадр мекардаанд.

Дар намоишгоҳ 67 лўхтак ба намоиш гузошта шудааст. Намудҳои либос, рангу бор ва ороиши мўйҳои лўхтакҳо диққати тамошобинро ба худ ҷалб мекунанд. Чунин чорабиниҳои фарҳангӣ, бешубҳа, баҳри таҳкими муносибатҳои дўстӣ, намоиши санъат, рушди фарҳангу арзишҳои миллии халқҳо хидмат мекунад.

Намоишгоҳ то 9 марти соли ҷорӣ идома меёбад.

**Ҳ. АБДУНАЗАРОВ.**




# «ТАҶРИБАИ ҒИЖДУВОН»: АФЗАЛИЯТИ ОН ДАР ЧИСТ?

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Боре ҳангоми мулоқот бо роҳбари ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Ортиқ Дилнавоз» Дилнавоз Саидова, ки дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Гулистонобод» фаъолият дорад, маълум гардид, ки ў дар яке аз гузарҳои маҳаллаи начандон калон бо касби дўзандагӣ машғул аст. Маҳсулоти истеҳсол кардаистодааш бозоргиранд, аммо аз сабаби набудани замини холӣ имконияти васеътар кардани корхонаашро надорад.

Бо ташаббуси роҳбари бонки саҳҳомӣ-тиҷоратии «Микрокредитбанк» аз ҳудуди маҳалла 5 хол замин ҷудо гардида, дар он сохтмони бинои дўзандагӣ (арзиши лоиҳа 2 миллиард сўм) оғоз ёфт. Ҷараёни корҳои бинокорӣ ва муҷаҳҳазгардонӣ босуръат амалӣ шуд ва соҳибкор ба орзуи деринааш расид. Ҳоло дар ин ҷо ба ҷойи 15 нафари аввала 150 нафар соҳиби ҷойи кори доимӣ ҳастанд. Ғайр аз ин, бо ташаббуси ҳокими вилоят барои ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳои «Шўрчӣ» ва «Соҳибиён», ки дар он ҷо корхонаҳои истеҳсолӣ набуду сатҳи бекорӣ баланд буд, бо мақсади таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар биноҳои холӣ ва қитъаҳои беназорати мактаби таҳсилоти умумии рақами 51 якчанд лоиҳа амалӣ гардиданд. Аз ҷумла, бо таклифи аҳолӣ дар ҳудуд аз сабаби набудани муассисаи таълими томактабӣ 6-то дарсхонаи холӣ аз нав таъмир гардида, боғчаи бачагон (дорои 150 ҷой), дар дарсхонаҳои таълими ҳарбӣ ва иншооти варзишӣ-тирандозии таълимгоҳ сехи дўзандагӣ (дорои 120 ҷой) ва сехҳои хурди истеҳсолӣ, дар таххона, ки аз назарҳо дур монда буд, хонаҳои истеҳсоли занбўруғ созмон ёфт. Ҳамин тариқ, ошхонаи мактаб пурра таъмир гардида, як қисми он барои талабагони мактаб, қисми дигараш барои бачагони боғча чун манзили хўрокхўрӣ супорида шуд. Дар натиҷа қариб 200-то ҷойи нави корӣ ба вуҷуд омада, дар ин маҳаллаҳо сатҳи бекорӣ хеле коҳиш ёфт.

Баъд аз татбиқи се лоиҳа Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Парвоз Ҳумо Равнақ» ҲАЖ текстил (ресандагӣ, бофандагӣ, рангуборкунӣ ва матои тайёр) аз сабаби кофӣ набудани замин барои сохтани фабрикаи дўзандагӣ ва нигаҳдории маҳсулоти истеҳсолӣ иборат аз таххона ва чор ошёна (ҳаҷмаш 34000 ҳазор метри мураббаъ) бино (вертикалӣ) сохта шуд ва он (таххона) имрўз вазифаи анборро иҷро мекунад. Дар ошёнаҳои 2-3-4 дўзандагон ҷогузин гардида, ҳоло дар он ҷо бештар аз 2000 нафар занону духтарон бо кор таъмин шудаанд.

Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Бег-Бача» ба истеҳсоли намудҳои гуногуни сумка машғул аст. Ҳаҷми истеҳсоли солона ба 1,2 миллиард сўм мерасад. Ҳоло дар ҷамъият 50 нафар фаъолияти корӣ доранд. Ҳини суҳбат бо ҷонишини якуми ҳокими ноҳияи Ғиждувон Барака Толибов дар бораи «Таҷрибаи Ғиждувон» чунин гуфт:

– Бо роҳи истифода аз имкониятҳои мавҷуда: биноҳои бекорхобида, ўтоқҳои иморатҳои бисёрошёна, инчунин сохтани биноҳои серошёна, ба истеҳсолоти қонунӣ ҷалб кардани ҳунармандон, барои инкишоф додани фаъолияти онҳо фароҳам овардани шароит, бо ин роҳ афзоиш додани миқдор ва ҳаҷми корхонаҳои саноатии истеҳсолӣ ва ба вуҷуд овардани ҷойҳои нави корӣ ба «Таҷрибаи Ғиждувон» асос гузоштем.

Мо дар боло аз ҳаёти корхонаҳои саноатӣ мисолҳо овардем. Чӣ хеле ки аён гардид, ин мисолҳо ҳаётӣ ва ҳақиқӣ будани гуфтаҳои ҷонишини ҳокимро собит месозанд.

17 июли соли 2024 дар видеоселектор оиди рушд додани суръати афзоиши иқтисодӣ дар ҳудуду шабакаҳо Президент Ш.Мирзиёев оид ба «Таҷрибаи Ғиждувон» гуфта буд, ки: «Дар асоси «Таҷрибаи Ғиждувон» то охири сол дар худи 1000 маҳалла биноҳои саноатии бисёрошёна созмон меёбад. Ба онҳо истеҳсолоти хонадонҳо кўчонда мешавад. Ба соҳибкороне, ки дар ошёнаҳои болоии ин биноҳо кор мекунанд, имтиёзҳои андозсупорӣ дода мешавад. Ин баҳри аз «соя» баровардани 140 ҳазор ҷойи корӣ шароит фароҳам меорад».

Дар ноҳияи Ғиждувон барои самараи дилхоҳ додани «Таҷрибаи Ғиждувон» чораҳои зарурӣ андешида шудааст. Мо аз мутасаддиёни соҳа хоҳиш намудем, ки дар бораи натиҷаҳои аввалини дастрасшуда маълумот диҳанд.

– Дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳои «Гулистонобод», «Соҳибиён», «Ўзанон» се бинои навъи «ангар» сохта шуда, дар онҳо 450 ҷойи нави корӣ ба расмият даровардa шуд, – гуфт сармутахассиси ҳокимияти ноҳия Азизбек Икромов. – Ҳамин тариқ дар корхонаи «Стар Фабрик» 50 нафар, «Ортиқ Дилнавоз» 150 нафар, «Мавҷуда Паризода либослари» 250 нафар бо кор таъмин шуданд. Дар равияи биноҳои саноати вертикалӣ дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳои «Помўза», «Дилкушо», «А.Қаҳҳор», «Ғалаба» ва «Ўзанон» биноҳои 2-5 ошёна бунёд гардида, дар онҳо 2460-то ҷойҳои нави корӣ фароҳам оварда шуд. Аз ҷумла, дар сехи дўзандагии соҳибкор Ғолиб Ҳоҷиев 45 нафар, дар корхонаи мебелсозии «Эъзоз мебел» 50 нафар, дар фабрикаи дўзандагии «Ҳаҷтекстил» 2000 нафар, дар маркази корчаллонии «Тадбиркорлар бизнес маркази» 150 нафар, дар корхонаи истеҳсоли либосҳои миллии «Беҳрўз Шаҳрўз равнақи» 335 нафар бо шуғл фаро гирифта шуданд.

Рушди саноат дар Ғиждувон ду маъноро ифода мекунад: яке дар маънои аслӣ (пешравӣ), дигаре ба маънои баландӣ, яъне ба биноҳои бисёрошёна кўчондани истеҳсолот. Аз ин рў, ин қабил биноҳоро ангар ё ки саноати вертикалӣ низ меноманд.

Соли ҷорӣ дар 20 маҳаллаи ноҳия бунёди биноҳои вертикалии саноатӣ ва дар онҳо ҷойгир кардани соҳибкорон пешбинӣ шудааст. Дар ҷараёни амалӣ гардидани 20 лоиҳа 28,2 миллиард сўм маблағ харҷ гардида, 2000 ҷойи нави корӣ фароҳам хоҳад шуд.

Мутахассисон пешбинӣ мекунанд, ки барои таъсиси 10 ҳазор ҷойи нави корӣ ва ба 200 миллиард сўм расондани ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ дар ноҳия вақт хеле кам мондааст. Ҳол он ки дар ноҳияи Ғиждувон имконияти ташкили 25 ҳазорто ҷойи нави корӣ ва ба тарзи иловагӣ дастрас кардани 50 миллион доллар аз ҳисоби содироти маҳсулот мавҷуд аст.

Хулоса, «Таҷрибаи Ғиждувон» бобати бо кор таъмин намудани бонувон ва ҷавонони ноҳия имконияти хубест ва барои вусъат додани ин соҳа имкониятҳои зарурӣ низ кофиянд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

*Ба муносибати 542-солагии Заҳириддин Муҳаммад Бобур*

# БОҒУ ОСОРХОНАЕ, КИ ҲАЁТУ ФАЪОЛИЯТИ БОБУРШОҲРО БОЗТОБ МЕДИҲАНД



***Ҳар сол 14 феврал дар кишвари мо зодрӯзи арбоби давлатӣ ва ҷамъиятӣ, шахсияти маъруф ва адиби машҳур, муаллифи шоҳасари «Бобурнома» Заҳириддин Муҳаммад Бобур бо шукӯҳ ва таровати хос таҷлил мегардад. Дар ин рӯзҳо ба муносибати 542-солагии зодрӯзи Бобур Мирзо дар соири шаҳру вилоятҳои ҷумҳурӣ чорабиниҳои маърифатӣ-фарҳангӣ, ҷамъомадҳои шеърхонӣ, маҳфилҳои гиромидошт ва амсоли он ба вуқӯъ мепайванданд.***

– Як қатор чорабиниҳои бахшида ба гиромидошти Бобур Мирзо бевосита дар осорхонаи «Бобур ва фарҳанги ҷаҳон», воқеъ дар шаҳри Андиҷон барпо шуданд. Яке аз ин гуна чорабиниҳо намоиши асарҳои дар жанри таърихӣ офаридаи рассомони андиҷонӣ мебошад. Дар қисми марказии намоишгоҳ нусхаи минётурии портрети Бобур гузошта шудааст, ки онро рассоми асри XVII Хондамир кашидааст. Ин минётураро рассоми андиҷонӣ Наҷмиддин Қозиев нусхабардорӣ кардааст. Дар ин бахш ҳамчунин осор ва минётураҳое гирд оварда шудаанд, ки дар он ҳодисаҳо, аз қабили ба тахт нишастани Бобур, ҷанг барои қалъаи Андиҷон, саҳнаҳои шикор, маросими дафни Хоҷа Аҳрори Валӣ, аз Андиҷон рафтани Хонзода Бегим, ҷанг бо Шайбонихон тасвир шудаанд, – гуфт дар аснои суҳбат мудири осорхонаи таърихӣ-фарҳангии вилояти Андиҷон Ихтиёрбек Расулов.

Дар бахши навбатии намоишгоҳ асарҳои рассом Ҳасанбой Саидов, аз ҷумла «Бобур дар Баракӯҳ», «Бобури дар гирди оташ нишаста», «Бобур аз ҷанг бармегардад», «Рафтани Бобур аз Андиҷон» ба намоиш гузошта шудаанд.

Заҳириддин Муҳаммад Бобур дар замони ҳукмронии худ илму маърифатро ба сатҳи сиёсати давлатӣ бардоштааст. Аз ин лиҳоз наслҳои баъдии сулолаи ӯ ҳамеша ба аҳли маърифату зиё, эҷодкорон, ҳунармандон, ҳатто кишоварзон эҳтироми беандоза зоҳир намуда, ба рушду нумӯи он мусоидат кардаанд ва баҳри ободиву осудагии мардум талошҳо ба харҷ додаанд.

«Бобурнома»-и ӯ аз нодиртарин намунаҳои адабиёти ҷаҳонӣ хонда шуда, ба зиёда аз 30 забони дунё тарҷума шудааст.

Дарвоқеъ, соли 2017 Шавкат Мирзиёев зимни ташриф ба вилояти Андиҷон аз Боғи Бобур боздид намудааст. Вай ҳамон вақт дастур додааст, ки ин боғ мувофиқи меъёрҳои ҷаҳонӣ бозсозӣ ва ба маскани беҳтарини истироҳату фароғати мардум ва меҳмонон табдил ёбад. Маҳз бар асоси ҳамин дастур дар ин боғ корҳои азими сохтмониву ободонӣ ба ҷо оварда шудаанд. Дар ин росто хиёбони марказии боғ бо эъмори масҷиду осорхонаи боҳашамат намои хуб касб намуда, мақбараи рамзии Мирзо Бобур аз нав таъмир карда шудааст.

Осорхонаи «Бобур ва фарҳанги ҷаҳон»-ро ашёи экспонатҳое оро медиҳанд, ки дар давоми экспедитсияҳои байналмилалии илмӣ ба минтақаву кишварҳои гуногун ва дар натиҷаи сайру саёҳатҳои дигар ба даст овардаву ҷамъоварӣ шудаанд. Ин ашёи намоишӣ ба давронi сулолаҳои Темуриҳо ва Бобуриҳо мутааллиқ буда, аз китобҳои нодир, дастхатҳо ва маводи дигари беназир иборатанд. Ҳамаи ин экспонатҳо роҳҳои тайкардаи Бобур ва аъзои хонаводаи ӯро бозтоб медиҳанд.

Дар тарафи чапи даромадгоҳи бинои осорхона чунин суханони Президенти мамлакат бо ҳарфҳои заррин навишта шудааст: «Заҳириддин Муҳаммад Бобур бобои мо, хуни мост, аҷдоди бузурги мост, ки мо метавонем бо ифтихор ба фарзандонамон нақл кунем. Ин ҷо вуҷуд доштани чунин аҷдодони худро ҳеҷ кас набояд фаромӯш кунад, ки фарзандони Андиҷон буданд».

Дар маркази толори асосии намоишгоҳ макети «Ҳирот» гузошта шудааст, ки дар паҳлӯи он дар бораи сафарҳои экспедитсияи байналмилалии илмии ба номи Бобур низ маълумот дода шудааст. Солҳои 1992-1993 маҳз аъзои ҳамин экспедитсияи байналмилалии илмӣ хоки Бобур Мирзоро аз қабрҳои ӯ дар Агра ва Кобул ба мақбараи рамзии Бобур оварда гузоштаанд.

Рустамҷон Мамасолиев – ноиби мудири Хазинаи Бобур ба суҳбати мо пайваст. Вай гуфт, ки дар осорхонаи «Бобур ва фарҳанги ҷаҳонӣ» бештар аз ҳазор экспонат мавҷуд буда, қисмати асосии онро китобҳои таърихии марбут ба сулолаи Темуриҳо ва Бобуриҳо, дастнависҳо ва маводи дигаре ташкил мекунанд, ки зимни экспедитсияи байналмилалии илмӣ ба даст омадаанд. Инчунин минётураҳои қадимӣ ва замонавии барои китобҳои Заҳириддин Муҳаммад Бобур ва осори як идда адибони дигар кашидашуда низ ҳифз гардидаанд.

Дар самти дигар китобҳое маҳфузанд, ки аз нашри нодири дар хориҷа нашршуда иборатанд.

Меҳмонон зимни ташриф ба осорхонаи мазкур метавонанд наворҳоеро тамошо кунанд, ки зимни экспедитсияҳои илмиву саёҳатҳо бардошта шудаанд.

Дар радифи ин корҳои доманфароҳ дар даромадгоҳи боғе, ки ин осорхонаро низ дар канор қарор додааст, фаввораи замонавӣ сохта шуда, пайраҳаҳо мумфарш гардидаанд, дар майдони боғ барои нишаст курсиҳо ва барои партофтани партобаҳо қуттиҳои махсус гузошта шудаанд. Тарабхонаҳо ва дӯконҳои савдо дар қисмати поёнии «Роҳи бузурги абрешим»-и ин боғ аз нав эҳё карда шуда, дар қитъаи «Туякамар» дар майдони 1,5 гектар гармхонаи замонавӣ арзи вуҷуд намудааст.

Имрӯз майдони умумии боғ 357 гектарро ташкил медиҳад. Намуди боғ, ки асосан бо дарахтони 40-50 сола фаро гирифта шудааст, дорои дарвозаи аркони услуби шарқӣ мебошад. Ҳайкали босалобати Бобур Мирзо, осорхонаи «Бобур ва фарҳанги ҷаҳон» аз иншооте маҳсуб мееёбанд, ки шӯҳрати боғро беш аз пеш афзудаанд. Дар боғ инчунин дафтари Хазинаи байналмилалии ҷамъиятии Бобур низ ҷойгир аст.

Қобили зикр аст, ки боғи Бобур ба хатсайри байналмилалии сайёҳӣ шомил буда, аксари сайёҳон шаҳрвандони хориҷӣ мебошанд. Ба онҳо маҷмааи «Кабели овезон», 36 намуди аттраксионҳои замонавӣ, якчанд тарабхонаҳои миллӣ ва муосир, чойхона, меҳмонхона бо 30 кати ҷой хизмат мерасонад.

Ғайр аз ин, фароғатгоҳҳои «Боғи баланд» ва «Киштӣ» мавриди бозсозӣ қарор гирифта, барои фароғати меҳмонон шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Тарабхонаҳо ва марказҳои савдо дар қисмати «Роҳи бузурги абрешим» ба таври замонавӣ қомат рост намудаанд.

Ҳокими вилоят Хайрулло Бозоров дар арафаи таҷлили 542-солагии зодрӯзи Бобур Мирзо ба деҳаи Ҳушёри ноҳияи Сӯх ташриф овард. Ин деҳае мебошад, ки Бобур аз дасти асокири Шайбонӣ расо 11 моҳ паноҳ бурдааст. Барои ҳамин бо ташаббуси ҳокими вилоят ин ҷо осорхонае арзи вуҷуд хоҳад кард, ки ба хотири гиромидошти арбоби давлатӣ ва адиби маъруф – Заҳириддин Муҳаммад Бобур бунёд хоҳад ёфт.

Бобуршиноси маҳаллӣ Муҳаммадхон Пӯлодӣ дар ин робита мегӯяд, ки ин осорхона бо буҷаи давлат сохта хоҳад шуд ва ҳудуди 250-300 экспонати ҷамъоваришударо дар худ нигоҳ хоҳад дошт.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилоятҳои АНДИҶОН ва ФАРҒОНА.*

# СЕҲРИ СУХАНИ ЖУРНАЛИСТ

***Бо ташаббуси Иттиҳоди журналистон дар Маркази матбуоти миллӣ маросими тақдимоти китоби «Олтин қаламли журналистлар» баргузор гардид.***

Шоиру нависандагон, журналистони собиқадор, намояндагони ВАО ва донишҷӯ-журналистони ояндa иштирокдорони чорабинӣ буданд. Иҷрокунандаи вазифаи раиси Иттиҳоди журналистон Холмурод Салимов оиди ҷараёни ба нашр омода намудани китоб ҳарф зад ва таъкид намуд, ки дар китоб аввало аз фаъолият, зиндагинома ва эҷодиёти журналистони собиқадор, ки мо бояд маҳорати онҳоро гиромӣ дорем, намунаҳо оварда шудааст.

Дар чаҳорчӯби иҷрои қарори роҳбари давлат «Дар бораи чорабиниҳои дастгирии воситаҳои ахбори оммавӣ ва рушди соҳаи журналистика» аз 27 июни соли 2022, дар китоби мазкур, ки бо теъдоди ҳазор нусха аз чоп баромад, беҳтарин маводҳои беш аз 50 нафар устод-журналистони собиқадор иборат аз публитсистика, очерк, фелетон, лавҳа, пурсиши журналистӣ барин жанрҳо ҷойгир карда шудаанд. Инчунин ба китоб наздик ба 70 фотоматериали 9 нафар фотожурналистони бомаҳорат дохил карда шудаанд.

– Журналист дар ҳама самти ВАО метавонад кору фаъолият намояд. Ҳар як журналист озодии худро дорад. Фаъолияти журналистро ба гурӯҳҳои зерин тақсим кардан мумкин аст: озодии иҷтимоӣ-эҷодии журналист, яъне дар ҷамъият озод будан; озодии ҳуқуқии журналист, яъне дар доираи ҳуқуқи мавҷудаи худ фаъолият намудани ӯ. Ягон шахс наметавонад ҳуқуқи журналистро поймол намояд, – гуфт аъзои Сенат, сармуҳаррири газетаи «Ишонч-Доверие» Ҳусан Эрматов. – Ба донишҷӯён ва журналистони оянда рӯ оварда мегӯям, ки барои нависанда, журналист, хабарнигор, умуман эҷодкори хуб шудан дастгириву маслиҳат ва роҳнамоии устодон муҳим аст. «Аз дар ронанд, аз тиреза дароед, қаламии журналист бояд сеҳрнок бошад ва диққати хонанда ва ё шунавандаро ба худ ҷалб карда тавонад», мегуфтанд устодони мо.

Дар чорабинӣ таъкид гардид, ки китоб ба эҷодкорон, умуман ба шахсоне, ки соҳаи медиаро интихоб намудаанд, умед дорем, ки ба сифати дастури муҳим хидмат мекунад. Инчунин гуфта шуд, ки минбаъд чопи серияи китоб аз ҷониби иттиҳод идома хоҳад ёфт.

Дар поёни чорабинӣ ба як гурӯҳ журналистон гувоҳномаи узви Иттиҳоди журналистони Ӯзбекистон супурда шуд.

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# МАСКАНИ КИТОБХОНОНИ ҶАВОН



***Дар Китобхонаи бачагонаи ҷумҳурии шаҳри Нукус барои китобдӯстони ҷавон тамоми шароит фароҳам овардашудааст.***

Фонди ин маскани зиё дорои 77 ҳазору 245 нусха китоб буда, захираи электронии он 12 ҳазору 583-торо ташкил медиҳад. Аз ин китобхона зиёда аз 10 ҳазору 700 нафар истифода мебаранд. Компутерҳои ин маскан ба шабакаи локалӣ пайванд шуда, минтақаи Wi-Fi-и интернет мавҷуд.

Ин ҷо бо иштироки бачагони китобдӯст гузаронидани чорабиниҳои маънавию маърифатӣ, вохӯрӣ бо шоиру нависандагон, озмунҳои китобхонон, тақдимоти китобҳои навинтишоршуда, бозиҳои интерактивии шавқовар ба ҳукми анъана даромадааст.

Дар китобхона инчунин, фаъолияти маҳфилҳои «Бачаҳои эҷодкор», «Китобдӯстони хурдсол» ва омӯзиши забони англисӣ ба роҳ монда шудааст.

***Дар сурат:*** *дар китобхонаи бачагонаи шаҳри Нукус.*

***Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).***



# МУАММОҲОИ ЭКОЛОГӢ БАРРАСӢ ШУДАНД

***Дар шаҳри Ҷиззах бо ташаббус ва ҳамкории лоиҳаи Иттиҳоди экологии «Ekolog» дар мавзӯи «Баланд бардоштани донишу салоҳияти журналистон ва блогерҳои Ӯзбекистон дар инъикоси мавзӯи фасоди экологӣ» тренинги дурӯза баргузор гардид.***

Роҳбари Иттиҳоди ҷамоатии «Ekolog», доктори улуми филологӣ, профессор Наргис Қосимова иштирокдоронро аз ҳадаф ва вазифаҳои он огоҳ кард. Тавре ӯ гуфт, ин лоиҳа ба гранти Барномаи рушди СММ сазовор гардидааст.

– Алҳол аҳолии ҷаҳон рӯз аз рӯз афзоиш меёбад, – гуфт Қосимова. – Мувофиқи маълумоти омор то соли 2050 аҳолии дунё ба 9 миллиард нафар мерасад. Зеро ба ҳисоби миёна рӯзе 200 ҳазор нафар аҳолии кураи Замин зиёд мешавад. Ин ҳолат тақозо менамояд, ки одамон барои рӯзгузаронӣ бештар мубориза баранд. Табиист, ки баробари афзоиши аҳолӣ муаммоҳои экологӣ ҳам бештар мешаванд. Илм собит кардааст, ки ғалоғулаву ҳавои ғуборолуди шаҳрҳои калон ба саломатии инсон таъсири манфӣ мерасонанд.

Аз ин рӯ аҳолии шаҳрҳои калон нисбат ба сокинони деҳоту кӯҳистон ба ин навъи муаммоҳои экологӣ бисёртар гирифторанд.

Дар ҷумҳурии мо низ пайи бартараф намудани муаммоҳои экологӣ ва тозагии муҳити зист корҳои зиёде амалӣ мегарданд. Татбиқ сохтани лоиҳаи «Макони сабз», ки бо ташаббус ва роҳнамоии Сарвари давлат роҳандозӣ шудааст, далели ин гуфтаҳост.

Дар ин ҷо саволе ба миён меояд: оё роҳбарони маҳаллӣ дар ҳудудҳои худ ин лоиҳаро бечуну чаро ба иҷро мерасонанд? Барои муайян намудани он блогерҳо бояд пурсишҳои журналистӣ гузаронанд.

Дар тренинг ҳамчунин журналисти саҳифаи «Ekolog.uz» Фирӯз Сайфуллоев дар мавриди ҳолатҳои равшани фасоди экологӣ сухан кард.

– Аз соҳили дарёҳои кишвар мардум бештар ба шағалкашонӣ ё худ дар боғҳои табиӣ ба дарахтбурӣ машғуланд. Мо зимни фаъолияти худ борҳо ба ин гуна ҳолатҳо рӯ ба рӯ омадем. Бояд пеши роҳи ин қонуншиканиҳо гирифта шаванд, – иброз дошт Сайфуллоев.

**Анорбой НАЗАРОВ.**

*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

*Нусрат РАҲМАТ*

# АМАКИ ХИРСКАШ

*(Ҳикоя)*

– Мо қад-қади дарё меравем, – гуфт хӯҷаин.

Хирс чун одат чизе нагуфт. Яъне, сукут – аломати ризо.

Онҳо лаб-лаби шоҳкӯчае мерафтанд, ки ҳаракати мошинҳо лаҳзае қатъ намегардид. Роҳашонро дигар намуданд: ба соҳили дарё гузашта, ба боло ҳаракат карданд. Ин номусоид ва душвор буд: аз пеш ботлоқҳои зиёд ва тӯқайзорҳо мебаромаданд ва аз болои онҳо ё аз паҳлӯяшон гузаштан лозим меомад. Дар соҳил чизҳои хӯрданбоб, мисли санҷид, олучаи ёбоӣ, себ ...буданд. Баъзан аз рӯ ба рӯйи онҳо чайлаҳои деҳқонон баромада мемонд, онҳоро бо нон, харбуза ва дигар хӯрокиҳо зиёфат мекарданд. Ва хирс нафсашро бо решапояҳои гуногун, тухми парранда ва ҳайвонот қонеъ мегардонд.

Аз хӯҷаин ҳамеша бӯйи нон меомад (ӯ дар миёнаш нон баста мегашт). Саховатманду хушфеъл буд хӯҷаин: камарбандашро кушода, ба миёна мегустарид ва онҳо нонро дар об тар карда мехӯрданд.

Сабабҳои зиёде мавҷуданд, ки чаро онҳо бо соҳили дарё ҳаракат мекунанд. Онҳо як чизро фаромӯш накарданд – Ватани онҳо дар байни кӯҳҳоест, ки ин дарё сар мешавад ва умед доштанд, ки Зарафшон онҳоро гумроҳ намекунад.

Ҳарду ҳам пастиву баландиҳои зиндагиро дида, пир шудаанд.

Номи амаки хирскаш Сафаралӣ. Синну соли ӯ дар атрофи ҳафтод буд. Ӯ таъми арақи пешонӣ ва ашки чашмро бисёр чашида буд – вай одами чандирбадан, каме дуқат шуда мегаштагӣ ва миёнақад аст. Касе, ки баромада истодани устухони китфҳо, дағалшавии пашмҳо, ниҳоят итоаткорӣ, чашмони хира ва дандонҳои рехтаи хирсро (лақабаш – Ар-ар) медид, ба мақоли русҳо «Старость – не радость» боварӣ ҳосил мекард, ки на танҳо ба одамон, балки ба ҳайвонот ҳам дахл дорад.

Тақрибан понздаҳ сол мешавад, ки тақдир ин ду шӯрпешониро ба ин тарафҳо андохт. Ба ҳамаи инҳо касбу кор, рӯзгузаронӣ, дурусттараш, сию ду сабаб аст. Бо хирсбозӣ нон ёфтан барои Сафаралӣ касби падарӣ аст. Бобокалонҳояш низ аз кӯҳ бачаҳои хирси ҳанӯз чашмонашон кушоданашудаpo оварда, дар як даст тозиёна, дар дасти дигар ширинӣ бо онҳо забон меёфтанд.

Ҳамон вақтҳо Сафаралӣ барои дастгир кардани Ар-ар ва бародараш тайёрии пухта дида, хуб интизор шуд. Инро аз падараш шунида буд, ки чашми хоби модархирсҳои ин ҷо ҳангоми зимистонгузаронӣ – дар охири моҳи феврал равшан шуда, чашмони бачаҳояшон чил рӯз дар ҳолати баста қарор доранд. Аз ин ҷост, ки баробари гарм шудани ҳаво, то аз лона баромада рафтани модархирс лозим меомад, ки хирс бесаброна интизор шавад.

Рӯзи аввали аз лона баромадани модархирс бачаҳои вайро дуздид. Дере нагузашта наъраи модари бечора водиҳоро ба ларза андохт: ин доду фиғони дардноки модаре буд, ки ногаҳон аз ду писари бечорааш ҷудо шудааст. Аз лаҳзае, ки нишастани бӯйи инсонро дар хонааш фаҳмид, бо инстинкти азалии худ ҳис кард, ки ин бедодгариро душмани дупо кардааст. Дар чунин лаҳзаҳо агар дар атроф ба касе дучор шавад, пора-пора карданаш аниқ буд.

Хирс ҳайвони ҳамахӯр аст: гӯшт, мева ва решаро ҳам хӯрдан мегирад. Аммо ба хирсакҳои навзоде, ки чашмонашон акнун кушода мешуданд, шир, атола, гӯштқима додан лозим буд. Фарзанди калони ҳамсояхирсро ба лӯхтак монанд кард ва аз ҳамон рӯз номаш Лӯхтак шуд. Ва хурдакакро Ар-ар номиданд. Номи деҳа ҳам Ар-ар аст, вале инҳо бо ҳамдигар камтар алоқаманданд. Саҳариҳо хирсак бӯйи модар, ҳарорат ва ширашро пазмон шуда, дод мезад ва тамоми аҳли оила аз омада мондани модархирс ба воҳима афтода, хавотир мешуданд. Аз ҳамин сабаб тахаллуси Ар-арро доданд ба вай.

– Ту ҳайвонӣ, – роҳравон суханашро давом дод Сафаралӣ, – бисёр чизҳоро намедонӣ ё фаромӯш мекунӣ. Вақте ки мо омадем, сарҳад гуфтанӣ гап набуд – бемалол гузашта меомадем. Акнун он хел нест...

Ин таҳлука буд. Онҳо ҳар баҳор меомаданд ва тирамоҳ бармегаштанд: хирс хоби зимистонаашро дар ватани худ мегузаронд. Аммо ногаҳон вазъият тағйир ёфт. Дар мавсими тобистон дар тӯй, сайлгоҳҳо ҳунарнамоӣ карда, хеле пул кор карданд, вале ҳангоми бозгашт сарбозони автоматдор пеши роҳи онҳоро гирифтанд: бо ҳукмфармоӣ ҳуҷҷат талаб карданд. Табиист, ки онҳо ҳуҷҷат надоштанд ва илтимосу илтиҷоҳояшон дили сангини онҳоро нарм карда натавонист: ноумед маҷбур шуданд, ки ба қафо баргарданд.

Онҳо дар кулбаи аз лӯлиҳо мондаи лаби ҷӯй зиндагӣ мекарданд. Акнун боз ба ҳамон ҷо баргаштан лозим меомад. Он ҷойи мувофиқе буд, ҳамсояҳо набуданд: аз ҳайбати ҷонвар ва арросаш тарсида, касе шикоят намекард. Онҳо якҷоя ба кӯча мебаромаданд, аз шиносҳо гӯшт, нон, чормағз мехариданд. Зеро аз рафтору ғурриши ҳайвон тарсида буданд. Дере нагузашта Ар-ар ба хоби зимистона рафт.

– Ҳамон зимистон ту нағз хобида натавонистӣ, – суханашро давом дод Сафаралӣ, – ҳавои он ҷо тоза набуд, садоҳо низ ба гӯш мерасид. Агар баъзан миршаб омада, аз ман пул талаб карданашро ба ҳисоб нагирем, ороми моро касе халалдор намекард.

Онҳо роҳи худро давом доданд. Аз онҳо ҳамагӣ чанд қадам дуртар донхӯрии селаи тазарвҳо ва дар ҷойҳое, ки дарё шуста, кӯлмакҳо ба вуҷуд омадаанд, ширмоҳиҳо иштиҳояшонро ба хориш меоварданд, вале аз паси онҳо давидан бефоида буданашро ҳис карда, таноби роҳро кашиданд.

Баногоҳ Ар-ар сарашро бардошта, дуру дароз ҳаворо бӯ кард. Баъд ба тарафи чап ҳаракат намуд. Сафаралӣ бо хавотиру дудилагӣ аз пасаш рафт, дере нагузашта бӯйи пораи нонеро, ки дар танӯр месӯхт, ҳис кард. Зане дар канори деҳа нон мепухт. Барои хавотир накашидани зан Сафаралӣ ба гардани Ар-ар занҷир андохт ва хеле ба он наздик шуд. Зан аввал ҳайрон шуд, баъд ҳамаашро фаҳмид ва тавассути писарчааш ду нони гарм фиристод. Баъд барои он ки ин меҳмонони нохонда ба бачаи ӯ зараре нарасонад, наззора карда истод.

– Занҳои мо хубанд, – гуфт Сафаралӣ, – гард, акнун нонро дар об тар карда мехӯрем.

Онҳо дар лаби дарё нишаста, нонро дар об тар карданд.

– Бародарамро бештар аз понздаҳ сол аст, ки надидаам, – баъди ишкамро сер карда, ба роҳ баромадан, суханашро давом дод Сафаралӣ, – шояд пир шуда бошад. Эҳтимол маро ҳам нашиносад. Ман мегӯям: «Ака, ман Сафаралӣ!» Қавми ту низ дар аввал бегона мепиндоранд, пас мешиносанд. Акнун мо пир шудаем, аз дасти марг гурехта намешавад! Дар кишвари худат ба по дароз кардан чӣ расад?! Бародари ту барвақт нобуд шуд – мани нотавонро бубахш...

Гап дар сари он аст, ки бахт дар солҳои аввал ба онҳо дасти росташро бештар дароз кард. Намоиши аввалини онҳо дар Регистон фаромӯшнашаванда аст. Дар аввал ҳам Лӯхтак ва ҳам Ар-ар аз бӯйи бегона ва чеҳраҳои ношинос ҳаросида монданд, вале нигоҳи ҷиддиву хайрхоҳонаи хӯҷаин ба дилҳояшон қувват ато кард. Баробари оҳанги «Полкаи Андиҷон», ки аз нағора ҳосил мешуд, онҳо бе дудилагӣ ба рақс даромаданд. Кӯдакони гирду атроф қиқирросзанон хандиданд, калонсолон табассумкунон бетартибона кафкӯбӣ карданд. Ин намоиши шавқовар хеле давом кард. «Тамошобинони муҳтарам! – ба чеҳраҳои шукуфони садҳо нафар нигариста, муроҷиат кард хӯҷаин, – бо ҳамин мо рақсро ба охир мерасонем. Акнун бародарон ба гӯштигирӣ медароянд – доираро васеъ кунед! «Ширий круг! Ширий круг!»

Дар чеҳраи ҷамъомадагон шавқу ҳавас зиёду майли ҳангоматалабиашон бештар мешуд. Нақора ин дафъа оҳанги вазнин, ҳатто ҳузноварро сар кард. Онҳо ҳаракатҳои паҳлавонона карда, майдонро ду маротиба давр заданд. Даврзанон чунон вонамуд мекарданд, ки бо якдигар дӯғу пӯписа мекунанд. Баъд (чунон ки хӯҷаин таълим дода буд) Ар-ар ногаҳон ба бародараш дарафтод. Лӯхтак ҳам сода набуд – аз камари ҳарифаш ба оғӯш гирифту дасташро боло бурд ва баъди ба ҳаяҷон овардани издиҳом, ӯро бардошта зад. Ва вақте ки ӯ аз ҷо ҷаста хесту аз пойи ҳарифаш гирифтан хост, Сафаралӣ мисли довари одил ба мобайн даромад: «Ҳай-ҳай! Ғиромӣ чӣ лозим! Мардӣ дар ҳалолкорӣ аст!» Хулоса, пас аз часпу талоши на он қадар дароз (мисли ҳарвақта) Ар-ар дастболо гардид. Сафаралӣ аз нақоранавозӣ бозистода, ба муддао гузашт: аз қабили «Духтарам, ба ту мегӯям, келинам, ту шунав» амал карда, кинояомез ба бародарон муроҷиат намуд:

«Шумо аз роҳи бисёр дур – канори кӯҳсор барои ба мардуми Самарқанд шодию хурсандӣ бахшидан омадед. Ана, шумо хуб рақсидед, ба гӯштигирӣ даромадед. Албатта, шумо каме хаста шуда, гурусна ҳам мондед. Аммо агар ба шумо ину онро гирифта диҳам гӯям, худи ман дар ин рӯзҳо кисахолӣ шуда мондаам. Акнун як давр зада бароед: умеди ягонаи мо аз Худост – шунидаем, ки дар ин шаҳри азим, одамони саховатпеша бисёранд. Канӣ, бародарони азиз, дасти худро ба дуо баланд кунед! Аллоҳ марҳаматашонро дареғ доштагон ва надоштагонро дар паноҳаш нигоҳ дорад! Худои меҳрубонам, ба фарзандталабон – фарзанд, ба беморони бистарӣ шифо ато намояд! Омин!»

Пас аз ишораи ошнои хӯҷаин Ар-ар ба китфи Лӯхтак савор шуд. Сафаралӣ аз рӯйи одат ба дасти ӯ кулоҳи кӯҳнаро доронд ва ба навохтани оҳанги дардомезе шурӯъ кард. Ин оҳанг роҳҳои сахти кӯҳистону мушкилоти зиндагиро ба ёд меовард. Пул ҳар қадар зиёд афтад, оҳанг ҳамон қадар ба авҷаш мерасид ва ҳаяҷону шодии Сафаралӣ меафзуд. Баъди намоиш аксар вақтҳо Сафаралӣ саховатманд мешуд: бародаронро бо гӯшту мева навозиш мекард, вале ҳаминаш нофорам буд, ки баъзан худаш арақ ҳам менӯшид, ки ин дили паҳлавонхирсҳоро беҳузур мекард. Инаш ҳам ҳеҷ гап не: дар ин гуна ҳолатҳо хӯҷаини хушфеъл пас аз нӯшидан ланҷ шуда, чашмонашро милтос мезанонд, ҷоҳил мешуд, ба бародарон садо баланд мекард, баъзан бераҳмона тозиёна мезад. Боре, ин ҳолат тӯл кашиду дар роҳрав хобида монд – дар киса пули зиёде дошт. Бинобар ҳамин ӯро чанд соат аз дасти миршабу дуздбачагон муҳофизат кардани онҳо рост омад.

– Эҳ, он даврҳои хуб буд, – суханашро давом дод Сафаралӣ, – ҳама моро дӯст медоштанд: ба намоиш, базм, тӯй даъват мекарданд. Шумо – девонаҳоро ба боғи ҳайвонот ҳам бурда будам... Вале дағалона рафтор кардед, ман хиҷолат кашидам.

Гап дар сари он аст, ки ҳамон сол ба Самарқанд боғи сайёри ҳайвонот омада буд. Секаса барои тамошо даромаданд. Воқеаи аҷоибе рӯй дод. Хирси модаро дар қафас дида, ҳарду худро ба ҳамон тараф заданд ва хӯҷаинашонро кашола карданд. Ҷавононеро, ки ҳанӯз иштиёқи шаҳвонии худро қонеъ нагардонда бошанд, инро фаҳмидан мумкин буд. Модахирси даруни қафас низ бо як майли аҷибе ба сӯйи онҳо ҳаракат мекард – лаҳзае бошад ҳам, ташнаи лаззати ҳаяҷонангезе буд: онҳо лаб ба лаб монда, ташнагии худро каме пасанда кардагӣ барин шуданд, аммо қафаси оҳанини лаънатӣ ба аз ин зиёдаш имкон намедод.

Ҳаёт одатан барои хурсандибахшии андаки худ ҳаққи калоне талаб мекунад.

Рӯзҳои сарафрозии онҳо тӯл накашид: чӣ шуд, ки хирсҳо бемор шуданд, иштиҳояшон гум шуд ва хароб гардиданд; шабона ба нолиш кардан медаромаданд. Сафаралӣ ба хавотир афтода, чашмонаш бе нур ва хаста шуданд. Охир, ба ҷуз Ар-ару Лӯхтак касе надошт ин марди сарсахт. Илова бар ин, ризқу рӯзӣ аз ҳисоби ҳамин бародархирсҳо буд. Хуллас, зиндагиро бе онҳо тасаввур кардан ғайриимкон буд. Дар рафти намоиш духтари рус ба Сафаралӣ наздик шуда гуфт, ки ҳайвонҳо бемор шудаанд ва дар назди истгоҳи роҳи оҳан дармонгоҳе ҳаст, ки онҳоро табобат мекунад ва худи ӯ дар он ҷо кор мекунад. Ва нишониро навишта дод.

**(Давомаш дар саҳ.4).**




**Файз МАҲМУД**

### ХОКЕ НАДИДАМ ПУРГУҲАР ЧУН ХОКИ ТОҶИКОНИ МО

*Эй тобиши тобони ту метобад аз чашмони мо,*
*В-эй қалби гармат бурда дай, оварда тобистони мо.*
*То боғу то бӯстони ту дилгарм тобистон шудем,*
*То решаат бор оварад, хун рехт аз мижгони мо.*
*То мулк ободон шавад, саҳни Ватан бӯстон шавад,*
*Поядаву  созанда шуд, имони мо виҷдони мо.*
*Эй дар тараб танбӯри мо, ною навои ҷӯри мо,*
*Эй сури мо, эй зӯри мо, эй беҳтарин дармони мо!*
*Бисёр дидам баҳру барр, бисёр гаштам шебу фар,*
*Хоке надидам пургуҳар, чун хоки тоҷикони мо.*
*Хокат пур аз ганҷинаҳо, обат  давои синаҳо,*
*Рӯзу шабат одинаҳо, эй файзи дастархони мо.*
*Эй Файзхоҷа, дам мазан, андар санои ин Ватан,*
*Мову санои ӯ куҷо, нуқсони мо, ҳазёни мо...*

### РӮДАКӢ ҲАРФИ МАРО ТУРРАИ ҲАЛВО КАРДАСТ

*Ҳарфи Айнист, ки тоҷикӣ фасиҳо кардаст,*
*Тоҷ-ш бинҳодаву дар курсӣ муаълло кардаст!*
*Ширai шеъри Самарқанду Бухоро мечаш,*
*Рӯдакӣ ҳарфи маро турраи ҳалво кардаст!*
*Пеши ноаҳл марезон дураристони дарӣ,*
*Ар бубинӣ, ки ба курсии фалак ҷо кардаст.*
*Саъй то чанд кунӣ, чун набувад истеъдод,*
*Зӯри беҳуда задан нофи ту беҷо кардаст.*
*Баски аз суҳбати асҳоби маънӣ дурӣ,*
*Қурбати ҷаҳл туро дур зи маъно кардаст.*
*«Гул ҳамон беҳ, худ он атр диҳад» – мегӯянд,*
*Ғунчаро бин, даҳани баста чӣ бӯё кардаст!*
*Рӯдакӣ зиндаву гӯяндаву боз омадааст,*
*Боз бо Файз сафар сӯйи Бухоро кардаст!*

### НАВКАРИ МАСТОН БУДАМ, РАҲБАРИ  МАСТОН ШУДАМ

*Сардзимистон будам, сабзбаҳорон шудам,*
*Навкари мастон будам, раҳбари мастон шудам!*
*Нолаву афғон будам, кулбаи эҳзон будам,*
*Волаву ҳайрон шудам, равзаи хандон шудам!*
*Сайри ниҳон доштам сӯйи Хуросони дил,*
*Оқибаташ ёфтам, шоҳи Хуросон шудам!*
*Ширai Балхам рабуд, талхии гуфтор зуд,*
*Лаъли Бадахшон шудам, зираи Хатлон шудам!*
*Атши маро Шамс шуст, бо рашаҳоташ шикаст,*
*Чӯлу биёбон будам, саҳнаи бӯстон шудам!*
*Ҳамчу мани ноумед, чарх ғарибе надид...,*
*Партави рӯҳаш дамид, равшану рахшон шудам!*
*Ёвашиоре басе лафзи маро хор кард,*
*Зоғи забони варо ханҷари буррон шудам!*
*Анҷумани хилватам – борикаи сад баҳор,*
*Худ нанамудам ба кас, хилвату пинҳон шудам!*
*Тохтаму тохтам, хеш зи нав сохтам,*
*Дар ҳаваси Рӯдакӣ, сӯйи Зарафшон шудам!*
*Ҳодии дил Шамсидин, хонд ба сӯяш, ки «Ҳин,*
*Дарду ғамистон мабош!», Файзи фаровон шудам!*

## *Барои  кӯдакон*

### ГУНҶИШКАК

*Гунҷишкаки лаби сой,*
*Чаро истӣ ба як пой,*
*Магар поят захмин аст,*
*Дилат аз ин ғамгин аст.*
*Чириқ-чириқ  мекунӣ,*
*Маро ту зиқ мекунӣ.*
*Натарс, биё ба наздам,*
*Поякатро бубандам!*

***Нусратуллоҳи КАНГУРТӢ.***

## АЗ ҲАЁТИ АДИБОНИ БУЗУРГ

Лев Толстой нахустин қаламкаше буд, ки аз ҳуқуқи муаллифӣ даст кашид, зидди низоми давлат шӯрид, ӯро барои рӯй гардонидан аз пешвоёни дин, аз калисо ронда буданд.

Вай аз Ҷоизаи Нобел даст кашида буд, пулу молро дӯст намедошт ва ба ҷонибдории деҳқонон бармехост. Ӯ панҷ маротиба: солҳои 1902, 1903, 1904, 1905 ва 1906 дар сафи номзадҳо ба Ҷоизаи Нобел дар бахши адабиёт қарор дошт. Бори охир нависандаи барҷаста, ки дар ибтидои асри XX натанҳо дар Ватани худ, балки дар Аврупо низ хеле машҳур буд, «пеш аз муҳлат» аз ҷоиза даст кашид. Ҳеҷ кас аз ӯ инро чашмдор набуд.

Инак, чанд сухани пурҳикмат аз ин нависанда ва мутафаккири бузург:

1. Ҳар кас мехоҳад башариятро тағйир бидиҳад, аммо ҳеҷ кас дар бораи тағйир додани худ намеандешад.

2. Ҳама чиз ба касе насиб мекунад, ки мунтазир шуда метавонад.

3. Одамони нерӯманд ҳамеша одианд.

4. Ҳар кас бояд таги дарвозаи худро бирӯбад. Агар ҳама ин корро бикунанд, кӯча куллан покиза мешавад.

5. Ҳамеша чунин ба назар мерасад, ки моро барои одами хуб буданамон дӯст медоранд, аммо сарфаҳм намеравем, ки моро онҳое дӯст медоранд, ки худ одамони хубанд.

6. Шояд бе муҳаббат зистан осонтар аст. Аммо бе он зиндагӣ маъно надорад.

7. Ман ҳамаи он чиро, ки дӯсташон медорам, надорам. Вале ман ҳамаи он чиро, ки дорам, дӯст медорам.

8. Ҷаҳон ба шарофати онҳое, ки ранҷ мебаранд, пеш меравад.

9. Ҳақиқатҳои бузург хеле содаанд.

10. Муҳим он нест, ки чизи бисёре бидонӣ, балки он аст, ки аз ҳамаи он чизҳое, ки донистанашон шарт аст, зарууртаринашонро бидонӣ.

P.S. Дар маърӯзаҳои худ Владимир Набоков (1899-1977, (нависандаи машҳури русу амрикоӣ – **Т.Ҳ.**) аз усули зерин кор мегирифт. Ӯ тамоми пардаҳои толорро мепӯшид, ки дар натиҷа торикии том ҳосил  мешуд. «Дар авҷи осмони адабиёти рус Гогол меистад», – мегуфт ӯ ва дар як кунҷи толор чароғе фурӯзон мешуд. «Ана ин Чехов аст», – мегуфт вай ва дар сақфи бино боз ситорае чашмак мезад. «Инаш Достоевский аст», – мегуфт ӯ калидаки баркро тофта. «Ана ин Толстой аст!», – мегуфт нотиқ  пардаҳои тирезаро якбора боз карда  ва толорро нурҳои оламафрӯзи Офтоб мунаввар месохт.

Тарҷумаи **Т. ҲАСРАТОВ.**

*(Жанрҳои шеърӣ)*

## ДУБАЙТӢ

Дубайтӣ шеъри ёздаҳҳиҷоии мураккабест иборат аз чаҳор мисраъ дар баҳри ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф (ё мақсур), бар вазни мафоъӣлун мафоъӣлун мафоъил (ё фаъӯлун). Ин вазн хоси танҳо дубайтӣ набуда, шоирони гузашта дар қолиби он маснавӣ, ғазал ва қитъа низ сароидаанд.

Вожаи дубайтӣ бори нахуст дар «Луғати фурс» омадааст, намунаҳои нахустини он дар эҷодиёти Маҳмуди Варроқ (асри X) дида мешаванд.

Дар дубайтӣ бештар мазмунҳои баланди ишқӣ, фалсафӣ, ирфонӣ, панду ахлоқӣ ва амсоли инҳо ифода меёбанд. Мисраъҳои аввалу дувум ва чаҳоруми дубайтӣ ҳамқофияанд. Қофиябандии дубайтӣ асосан «ааба» буда, баъзан бо «аааа» ва «абвб» низ эҷод мешавад.

Дар дубайтӣ монанди рубоӣ, ғолибан, се мисраи аввали он нақши муқаддимавию фазосозиро иҷро намуда, мисраи чаҳорум, ки дар он ҳукму асли матлаб ё нуқтаи авҷу поёни сухани шоир ифода меёбад, муҳимтарин аст. Ҳар мисраъ дар дубайтӣ вазифаи муайян дорад: дар аксари дубайтиҳо мисраи аввали он муқаддима буда, оғози мақсади аслист. Мисраи дувум диққати касро ба ин мақсад ҷалб менамояд. Мисраи севум ҳадафи дар байт ифодашударо баробари таъкид, ҳамчунин, бо далелу бурҳон тасдиқ ва ё рад мекунад. Дар мисраи чаҳорум мақсаду мазмуни аслии дубайтӣ ҷамъбаст мешавад. Чунончи:

*Насиме аз буни он кокул ойу,*
*Маро хуштар зи бӯи сунбул ойу.*
*Чу шав гирум хиёлашро дар оғӯш,*
*Саҳар аз бистарам бӯи гул ойу!*

**(Фоизи ДАШТИСТОНӢ).**

«Ойу» ин ҷо ба маънои ояд.

Маъмулан дубайтиро бештар бо созу овоз мехондаанд. Вазни дубайтӣ аз назари Маликушшуаро Баҳор яке аз вазнҳои ашъори қадими даврони Сосониён аст, ки пас аз интишори тамаддуни исломӣ дар он ислоҳоте ворид шуда, он ба қолиби арӯз даромадааст. Манзумаи паҳлавии «Дарахти асурӣ», ки вазни дувоздаҳҳиҷоӣ дорад, аз ҷумлаи ин ашъор аст ва онро чома ё чакома мегуфтанд. Ин вазн дар достонҳои ҳамосию ишқӣ корбурд доштааст.

«Шоҳнома»-и Масъуди Марвазӣ, «Вис ва Ромин»-и Фахруддини Гургонӣ ва «Хусраву Ширин»-и Низомӣ, ки аз достонҳои давраи пеш аз ислом мебошанд, дар ин вазн суруда шудаанд. Дубайтӣ ҷудо аз ҳавзаҳои шеъру адаби расмӣ аз қаъри шавқу завқи мардуми одӣ тавлид ёфта, ба яке аз қолабҳои деринаву хоси шеъри форсӣ табдил ёфтааст.

Дубайтӣ аз ҷиҳати лафзу маъно сода буда, аз ташбеҳҳои адабию санъатҳои лафзӣ орӣ аст. Ҳамчунин дар гуфтани дубайтӣ на ҳамеша аз мизони фанни қофия пайравӣ мекунанд ва гоҳе каламоте чун «ёр» ва «мол» низ қофия шуда метавонанд. Каламоти омиёна ва лаҳни гуфтугӯӣ дар дубайтиҳо корбурди зиёд доранд, ки метавон дар ин замина лаҳҷаҳои гуногун ва таърихи гӯишҳои мардумиро таҳқиқ кард. Бахши муҳимме аз адабиёти мардумӣ ва фарҳанги омиёнаи мо дар қолиби дубайтӣ ба вуҷуд омадааст.

Шоирони мутасаввиф шефтаи дубайтӣ будаанд ва ба сурудани он алоқа нишон додаанд (ба мисли Абдуллоҳи Ансорӣ, Абусаъиди Абулхайр, Фаридуддини Аттор, Фоизи Даштистонӣ ва дигарон). Далели он содагии баён будааст, ки шоирони суфӣ онро дар навиштаҳои худ риоят мекарданд. Чунки мухотабони онҳо на дарбориён, балки оммаи мардум буданд ва низ муҳтавои дубайтӣ содагиро металабид. Носири Хусрав масъалаҳои илмиву диниро дар қолаби дубайтӣ ба муҳокима гузоштааст.

Дар адабиёти форс-тоҷик машҳуртарин шоири дубайтисаро Боботоҳири Урён аст. Намунае аз дубайтиҳои ӯ:

*Зи дасти дидаву дил ҳар ду фарёд,*
*Ҳар он чӣ дида бинад,*
*дил кунад ёд.*
*Бисозам ханҷаре*
*нешаш зи фӯлод,*
*Занум бар дида,*
*то дил гардад озод!*

Фарқи рубоӣ аз дубайтӣ дар он аст, ки дубайтӣ бо ҳиҷои кӯтоҳ ва рубоӣ бо ҳиҷои дароз оғоз мешавад. Аз лиҳози муҳтавою мазмун дубайтӣ дарбаргирандаи мазмунҳои лирикист: ишқ, ирфон, ёди дӯст, гиря, сӯзи ҷудоӣ, дармондагӣ, доғи дил ва амсоли инҳо. Дар қолаби бисёре аз рубоиҳо чуну чаро, шакки фалсафӣ дида мешавад. Иқболи Лоҳурӣ аз қолаби дубайтӣ барои баёни масоили иҷтимоиву сиёсӣ истифода кардааст. Танҳо дар китоби «Паёми Машриқ»-и ӯ беш аз 260 дубайтӣ омада, ки аксари онҳо дорои мазмунҳои иҷтимоиянд. Аз ҷумла:

*Ҷаҳон мушти гилу дил ҳосили ӯст,*
*Ҳамин як қатраи хун мушкили ӯст.*
*Нигоҳи мо дубин афтод, в-ар на*
*Ҷаҳони ҳар касе андар дили ӯст.*

Дубайтӣ дар назми имрӯзаи тоҷик мавқеи муҳим дорад ва баробари рушди шакли маъмулии он, ҳамчунин шакли нави дубайтӣ мушоҳида мешавад, ки онро дубайтии пайваста номидаанд ва нахустин намунаи онро Абулқосим Лоҳутӣ сурудааст:

*Ба ҷон ҷо карда осори дуторат,*
*Ба ҳайрат мондам аз кори*
*дуторат.*
*Биҷунбад дил, чу бар тораш*
*занӣ чанг,*
*Магар  баста ба дил тори*
*дуторат?*

Адибони тоҷик М. Турсунзода, М. Раҳимӣ, А. Шукӯҳӣ, Лоиқ, Гулназар, Гулрухсор, Низом Қосим, Фарзонаи Хуҷандӣ, М. Аҷамӣ ва дигарон силсилаи хуби дубайтиҳо навиштаанд.

**Н. КАРОМАТУЛЛОЕВА,**
**Ш. РАҲМОН.**

## БОНУИ ҲУНАР



Ҳунар сармояи гаронбаҳоест, ки онро бо ягон дороӣ, сарват, симу зар иваз кардан нашояд. Ҳунар инсонро обрӯву бузургӣ бахшида, ӯро болидарӯҳ ва дорои эҳтиром мегардонад. Ва зиндагиро фаровониву зебоӣ мебахшад. Шахси ҳунарманд дарахти босамарро мемонад. Ҳунарманди асил метавонад чандин соҳибҳунарро тарбия намуда, ба таъмини моддии оила таъсир расонад.

Имрӯз зиёданд дар Ӯзбекистон ҳунармандоне, ки натанҳо ба манфиати худ, балки барои аз камбизоатӣ наҷот додани оилаҳо саъйу ҳаракат доранд. Яке аз чунин ҳунармандон Гулмира Исломоваи нуратоӣ мебошад. Ӯ усули «устоду шогирд»-ро ба роҳ монда, ҷавондухтарони дӯзандаро бо шуғл таъмин менамояд.

Дар шаҳри Нурато кашидадӯзӣ таърихи қадима дорад. Солҳои пеш аз ҳукумати шӯравӣ ҳам кашидадӯзӣ ва сӯзаниҳои Нурато шуҳрат пайдо карда буд. Солҳои ҳукмронии шӯроҳо ин ҳунари зебо ба кори хонагии баъзе оилаҳо табдил ёфт. Истиқлол ба рушди ин навъи ҳунар имкониятҳои васеъ фароҳам овард. Ҳунари дӯзандагии дастӣ аз нав эҳё гардид.

– Барои ман, – мегӯяд Гулмира Исломова – кашидадӯзӣ ҳунари меросӣ мебошад. Дар ин раванд ман насли панҷуми ҳунармандони оилаамон мебошам. Аз овони наврасӣ бо сӯзан сарукор дорам. Солҳои мактабхонӣ чун аз мактаб бармегаштам сӯзан ба даст мегирифтам. Бо кумаки момову модарам нозукиҳои ин ҳунари зеборо аз бар намудаам. Чун ба камол расидам, дарк намудам, ки ин ҳунар маро илҳом мебахшад.

Гулмира Исломова хуб дарк мекунад, ки аҳли ҳунарро ҳар як дақиқаи умр ғанимат аст ва онро бамаврид истифода мебарад. Ҳунарманд аз донае хирман, аз матое ҷома, аз гуле гулзор ҳосил мекунад, дар ягон давру замон ба касе ва ё чизе муҳтоҷ намегардад. Яъне, ба кучое наравад, метавонад бо ҳунари худ музде пайдо намояд, боиси рӯзгузарониаш мегардад.

Ба мақсади рушди ҳунари хонаводагӣ Гулмира Исломова бо ҷалб намудани ҳамдиёрон ба ин ҳунари воло соли 2017 ба корхонаи дӯзандагии «Нур сӯзанӣ» асос гузошт. Ҳоло дар ин корхона бино ба фармоиши мизоҷон, беш аз 30 намуди маҳсулот истеҳсол карда мешавад. Камзӯли занона, дасторхон, ҷилди болишт, курта, сӯзанӣ аз ин ҷумла аст. Дӯзандагон  дар рангубори риштаҳо ба таҷрибаи ниёкон такя мекунанд.

– Дар корхонаи оилавии мо, – гуфт зимни суҳбат Гулмира, – наздики 250 нафар дӯзанда кор мекунанд. Дар байни онҳо аз духтаракони 5-сола то момоёни 70-сола фаъолият доранд. Маҳсулотро бонувон дар хонаҳояшон тайёр мекунанд. Ҳам кори хонаро иҷро мекунанду ҳам бо шуғли доимӣ машғуланд. Дар ҳар як маҳалла намояндагони худро дорем, ки ашёи хомро ба хонадонҳо мерасонанд, маҳсулоти тайёрро ҷамъ намуда мувофиқи кори иҷрогардида маоши дӯзандаҳоро пардохт мекунанд. Дӯзандагон то 1,5 миллион сӯм маош мегиранд. Дар ин раванд шавқу ҳаваси бонувон ба ҳунари дӯзандагӣ меафзояд.

– Ба ҳар як ҳунар меҳр бояд дод, – мегӯяд қаҳрамони мо. – Агар ҳунарманд ба шуғли худ меҳр бандад, маҳсулоти ӯ зебову харидоргир мешавад.

Талаб ба маҳсулоти истеҳсолнамудаи корхонаи «Нур сӯзанӣ» сол аз сол меафзояд. Солҳои охир нуфузи маҳсулоти корхона натанҳо дар бозори дохилӣ, балки дар бозори ҷаҳонӣ низ хеле афзудааст. Маҳсулоти мо ба Русия, ИМА, давлатҳои араб ва Туркия тибқи фармоишот содир карда мешавад. Ба мақсади ба сайёҳони хориҷӣ фароҳам овардани имконияти дастрас намудани маҳсулоти корхона, дар шаҳрҳои Тошканд ва Самарқанд дуконҳо таъсис додаем. Хориҷиёне, ки ба Нурато меоянд,  бо фаъолияти дӯзандаҳо аз наздик шинос гардида, маҳсулоти дастиро харидорӣ мекунанд. Онҳо бештар ба сӯзанӣ, дасторхон, ҷома, ҷилди болишт, куртаву сумкачаҳои занона таваҷҷуҳ доранд. Соле 7-8 ҳазор доллар даромади соф мегирем.

Имкониятҳои мавҷуда дар ҷумҳурӣ баҳри рушди ҳунарҳои ниёкон такони ҷиддӣ гардид.

– Туфайли ҳунари кашидадӯзӣ ман дар намоишгоҳҳои ҳунарии кишварҳои Ҳиндустон, Русия, Туркия, Тоҷикистон ва Исроил ширкат намудам. Бо ҳунармандони ин кишварҳо созишномаҳои ҳамкорӣ имзо намудем. Дар озмуни ҷумҳуриявии «Ташаббус-2019» ба ҷойи дуюм сазовор дониста шудам. Соли сипаригардида дар фестивали 34-уми байналмилалии ҳунар дар шаҳри Харянаи Ҳиндустон ширкат ҷустам. Коршиносон ба маҳсули дастиам баҳои сазовор доданд, – гуфт дар идомаи суҳбат Гулмира.

Заҳматҳои ин бонуи ҳунар аз ҷониби ҳукумати Ӯзбекистон сазовор қадршиносӣ гардидааст. Баҳори соли гузашта бо фармони Президент бо медали «Шуҳрат» қадршиносӣ гардид.

Албатта, ин ҳама дастоварду қадршиносиҳо ба Гулмираи соҳибкор илҳоми тоза, қувваи дучанд ато мекунанд. Ин аст, ки ҳамеша ба дунболи татбиқи ғояҳои нав дар истеҳсолот мегардад. Ҳоло ӯ истеҳсоли гилемҳои абрешимиро ба роҳ мондааст. Ин лоиҳа дар ноҳияи Нурато ва шаҳри Зарафшон татбиқ гардидааст. Ӯ барои дар вилояти Сурхондарё ҷорӣ намудани таҷрибаи кашидадӯзии Нурато давоми ду моҳ бизнес-тренинг баргузор намуд. Гулмира Исломова дар ҷодаи ҳунар аз зумраи ҳунармандони муваффақ мебошад. Медонад, ки тавонгарӣ ба ҳунар аст, на ба мол. Байти машҳури Низомии Ганҷавӣ ҳамеша вирди забонаш аст:

*Дар ҳунар кӯш,*
*к-аз ҳунармандӣ,*
*Даркушоӣ кунӣ,*
*на дарбандӣ.*

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

## СУХАНОНИ ҲИКМАТОМЕЗИ БУЗУРГОН

Агар ақидаи ман дигар аст, ин маънои онро надорад, ки ман душмани шумо ё аблаҳеям, балки ба хотири он аст, ки ман ақидаи дигар дорам.

**Эдвард РАДЗИНСКИЙ.**

Хоинон қабл аз ҳама худро мефурӯшанд.

**АФЛОТУН.**

Ё ту оламро меофарӣ, ё олам туро.

**Ҷек НИКОЛСОН.**

Ҳеҷ чиз нафратангезтар аз эҳтироме нест, ки бинои он бар тарс устувор бошад.

**Олбер КАМЮ.**

Баландии кӯҳҳое, ки дар қуллаи онҳо қарор дорӣ, бо умқи ҷоҳҳое, ки ту аз онҳо берун омадаӣ, муайян карда мешавад.

***

Ҳарф бизан, то ман туро бубинам.

**СУҚРОТ.**

Барои шунидан бояд хомӯш буд.

**Урсула ле ГУИН.**

Дуруст андешидан беҳтар аст аз бисёр донистан.

**Ҷон ЛОК.**

Барои хушбахт будан ё даҳони талабу хоҳишро бояд баст, ё ба маблағ афзуд.

**Бенҷамин ФРАНКЛИН.**

Зиндагии хушбахтона аз тамкину бурдборӣ ва рӯҳи ороему қонеъ оғоз меёбад.

**СИТСЕРОН.**

Тани танҳо ба муқобили дигарон қарор доштан, маънои онро надорад, ки ту хато мекунӣ.

**Хю ЛОРИ.**

Тарҷума ва таҳияи
**А. СУБҲОН.**

## АМАКИ ХИРСКАШ

(Аввалаш дар саҳ.3).

– Ар-ар, дар хотир дорӣ, русдухтарони он ҷо далер, зиндадил ва меҳрубон буданд: зуд ҳардуи шуморо баста, ҳарорататонро санҷиданд. Сипас, зарурати таҳқиқи наҷосати шуморо таъкид карданд. Мо то бевақтии рӯз нишастем. Аз сабаби хӯрок нахӯрда монданатон, холӣ кардани ишкам душвор гашт. Ниҳоят, духтарон ахлотатонро гирифта, дар зери заррабин гузошта диданд ва маъюс гардиданд: дар шуш ва ҷигаратон кирм будааст. Дору доданд, вале пулашро нагирифтанд. Ба шарофати ҳамонҳо ту зинда мондӣ, вале бародаратро ба хок супоридем. Танҳо худи туро кашола карда, ба мактабҳо мерафтам – ба бачаҳо ҳар гуна тамошо нишон дода, ризқу рӯзиамонро меёфтем. Аммо зиндагӣ рӯз то рӯз дилгиркунанда мешуд.

Сухани Сафаралӣ якбора канда шуд: каме дуртар аз худ одами ҳарбиеро дид, ки дар китф автомат дошт. Хунукбашара лаҳзае  ҳайрон шуда истоду баъд бо дасти росташ «ба қафо» гӯён ишора кард. Сафаралӣ нағз медонист, ки амри ин қайсари сангдилро риоя накардан ба оқибатҳои нохуш оварда мерасонад. Аммо орзуи  ба Ватан баргаштан, дар оғӯши кӯҳу сангҳо ба соҳибаш бахшидани ҷони худ пурзӯртар аз он буд. Барои ҳамин, вай  қад-қади дарё не, балки аз нишебиҳои кӯҳҳои Бахмал гузашта рафтанро ба нақша гирифт. «Шояд дар он ҷо ҳам сарбозҳо бошанд, – аз дил гузаронд Сафаралӣ, – вале шабона аз байни харсангу буттаҳо чашми онҳоро хато карда, гузашта рафтан мумкин будагист...»

Онҳо қуллаи Ойқорро ба нишон гирифта, таноби роҳро кашиданд. Сафаралӣ тасмим гирифт, ки асосан шабона роҳ паймояд, то таваҷҷуҳи номаҳрамонро ба худ ҷалб накунад. Ҳамин тавр, деҳаҳо ва киштзорҳои корам қафо монданд. Пагоҳӣ дар доманаи теппа қуттиҳои занбӯри асал ба назар расиданд. Ба гардани Ар-ар занҷир андохт, ӯ хуб медонист, ки ҷонвар дӯстдори асал аст. Баъди чанд қадам мондан, онҳо бозистоданд. Занбӯрпарвар ҳам мисли он зани нонпаз саховатманд будааст: аз шогирдаш дар як косача асал фиристод. Сафаралӣ бо нон ҳамагӣ ду маротиба лесиду халос; асали боқимондаро ба хирс дод: вай то қатраи охиринаш лесиду онҳо худро сабук ҳис карда, роҳи кӯҳро пеш гирифтанд.

– Агар аз ин ду кӯҳ гузарем, он тарафаш ватани мост. Мумкин дар он қулла ҳарбиён бошанд: аз он ҷо шабона мегузарем, – гуфт Сафаралӣ бо каме боварӣ.

Дар ин ҷо пайраҳаҳои гӯсфанду бузгузар бисёр буданд ва аксарияташон аз доманаҳо ба баландӣ гирифта мебаромаданд. Онҳо аз пайроҳаҳо ба боло мерафтанд. Вақте ки онҳо аз кӯҳи аввал гузаштанд, пардаи торикӣ фаромад. Ин айни муддао буд: диққати ягон пашшаро ба худ ҷалб накарда, аз ағбаи асосӣ гузаштан мумкин буд. Мисли duздон садое набароварда, бе шарфаи пой ба боло ҳаракат карданд.

Вақте ки ҳарду ба ағбаи охирин расиданд, субҳ дамид. Онҳо ҳамвории беканори дар пешашон будаpo дида, шод шуданд: қуллаю водиҳои шиносе, ки дар айёми ҷавонӣ ба дилҳояшон ҷо шуда буданд – макони хуни нофашон рехта, бо тамоми рангу ҷозибаҳояш намоён мешуд. Дилашон аз сурур лабрез шуда, онҳо чанд дақиқа хомӯш монданд.

– Агар ба поин фаромада гирем, то бегоҳ ба хона мерасем, – гуфт Сафаралӣ бо ким-чӣ хел қаноатмандии ҳаяҷономез. Ҳолати ҳозираи ӯ шавқмандии шахсеро ба хотир меовард, ки аз сафари дур баргашта, дари хонаи зоидашудаашро мекушояд. Ар-ар инро ҳис карда, ба пеш ҳаракат кард. Ин фоҷиаи ғайричашмдоштро танҳо филмсозон бо тамоми ҳақиқату рангҳо ба таври боварибахш нишон дода тавонистанашон мумкин буд. Қалами ман бошад, оҷиз аст. Қувваи ногаҳонии ба вулқон монанд онҳоро ба нишебӣ партофта буд, чизе сахт гумбуррос зада, доду фарёди онҳоро фурӯ бурд, мисли дурахши барқ тамоми ҳастӣ лаҳзае равшан шуд.

Сафаралӣ кай ба худ омадани худро намедонад. Аввал дар пеши назараш мисли тумани хира ноҷунбон истод, баъд ба осмони пурситора табдил ёфт. Ин чӣ ҳодиса буд? Вай ба ҷунбиш омадани шӯълаи марги зери пояшро тасаввур карда натавониста, бо дастони бемадораш гирду атрофро ламс кард ва дасташ аввал ба тани сарди Ар-ар, баъд чизи шилимшуқе расид.

Қувваи ҳофизаи ӯ ба дарки хуни аз баданашон рехтаистода оҷизӣ мекард.

Сипас хомӯшӣ – сукути абадӣ ҳукмфармо гардид.

Аз забони ӯзбекӣ тарҷумаи
**Бахтиёри ҶУМЪА.**

*Овози тоҷик*

МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

**Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.**

***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон тахти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-228.
Адади нашр 3698. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор:
М. Шодиев.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 02.30

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.